**ХУЧЧАТИ БОНКИ АВРУПОИИ**
**АЗНАВСОЗИ ВА РУШД**

# СТРАТЕГИЯ БАРОИ ТОЧИКИСТОН

Аз чониби Шурои директорон 1 июли соли 2003 тасдик шудааст

# МУНДАРИЧА


**НОМГУИ ИХТИСОРОТ**

**1. САНДУКИ БААР**

**1.1 НИГОРИШИ ФАЪОЛИЯТИ БААР ТО ИМРУЗ**
**1.2 АРЗЁБИИ МУХЛАТИ АМАЛИ СТРАТЕГИЯИ ПЕШТАРА**
**1.3 ТАЪСИРИ БАРНОМАХОИ БААР БА ЧАРАЁНИ ГУЗАРИШ**
**1.4 ХУЛОСАХО**
**1.5 ТАНОСУБИ САНДУК**

**2. ШАРОИТХОИ АМАЛИЁТ**

**2.1 ШАРОИТХОИ УМУМИИ БААМАЛБАРОРИИ ИСЛОХОТ**
***2.1.1 Шароитхои сиёси***
***2.1.2 Шароитхои ичтимои ва масоили захирахои мехнати***
***2.1.3 Хамкорий минтакави***
***2.1.4 Шароитхои хукуки***
***2.1.5 Мушкилоти экологи***
***2.1.6 Проблемахои одобу ахлоки***
**2..2 ШАРОИТХОИ МАКРОИКТИСОДИЕ, КИ БА ФАЪОЛИЯТИ БААР МУНОСИБАТ ДОРАНД**
**2.3 ПЕШРАФТИ ИСЛОХОТ ВА ВАЗИФАХОИ БОКИМОНДА**
***2.3.1 Хусусигардони ва дигаргунсозии корхонахо***
***2.3.2 Тахкими сохаи молия***
***2.3.3 Ислохот дар сохаи инфраструктура***
**2.4 ДАСТРАСИИ САРМОЯ**

**3. САМТХОИ СТРАТЕГИ**

**3.1 АФЗАЛИЯТХОИ БААР ДАР МУХЛАТИ АМАЛИ СТРАТЕГИЯ**
**3.2 ВАЗИФАХОИ СОХАВИ ВА ХАДАФХОИ БААР**
***3.2.1 Молиякунии сектори хусуси***
***3.2.2 Тахкими сохаи молия***
***3.2.3 Дастгирии инфраструктураи мухимтарин***
***3.2.4 Муколамаи сиёси***
***3.2.5 Самараи экологии стратегияи БААР***

**4. ХАМКОРИ БО СОЗМОНХОИ ДИГАРИ БАЙНАЛМИЛАЛИ**

**4.1 ХАЗИНАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АСЪОР (ХБА)**
**4.2 ГУРУХИ БОНКИ ЧАХОНИ**
**4.3 БОНКИ РУШДИ ОСИЁ**
**4.4 БАРНОМАИ РУШДИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАХИД**
**4.5 СОЗМОНИ РУШДИ ОГО ХОН**

**ЗАМИМАИ 1 – БАХОДИХИИ СИЁСИ**

**ЗАМИМАИ 2 – МУХИТИ АТРОФ**

**ЗАМИМАИ 3 – ИСЛОХОТИ СИСТЕМАИ ХУКУКИ**

**ЗАМИМАИ 4 – ИНТИХОБИ НИШОНДИХАНДАХОИ ИКТИСОДИ**

**ЗАМИМАИ 5 – АМАЛИЁТХОИ БА ИМЗОРАСИДАИ БААР**

**ЗАМИМАИ 6 – КУМАКИ ДУЧОНИБА**

**ЗАМИМАИ 7 – КУМАК ТАВАССУТИ ХАМКОРИИ ТЕХНИКИ**

# 1. ШАРХИ МУХТАСАР

Таи ду соли баъди кабули стратегияи пештара барои Точикистон дар августи соли 2001 кишвар дар татбики принсипхои бисёрхизбии демократи, гуногунандеши ва иктисоди бозори, ки дар моддаи 1 Созишнома дар бораи таъсиси БААР пешбини шудаанд ба дастовардхои муайян ноил гашт. Баъди чанги харобкунандаи чандинсолаи шахрванди вазъи Точикистон ба эътидол омад ва муътадил гашт.  Нуктахои асосии созишномаи сулхи миёни хукумат ва иттиходи мухолифини точик, ки июни соли 1997 баста шуда буд, ичро гардиданд. Гузаронидани раъйпурсии конститутсиони, ташкили хукумати фарогир, инчунин интихоботхои президенти ва парламентии солхои 1999 ва 2000, ки баробари ин ба тарики лозима ба стандартхои байналмилали чавобгу набуданд, даврахои асосии ин чараён гаштанд.

Баробари ин дастовардхо, бисёр мушкилоту вазифахо ичро нашуда монданд. Сохтори суди камкудрат буда, барои решакан кардани ришвахури мусоидат намекунад. Дароз кардани мухлати салохияти президент боиси нигаронии муайян гардид. Мухолифин изхор дошт, ки ин дарозкуни ба президенти хозира имкон медихад, ки то соли 2020 дар сари хокимият монад. Агарчи САХА расман ба гузаронидани раъйпурсии конститутсионии 22 июни соли 2003 назорат набурда бошад хам, новобаста аз ин, вай ба мухити ороме, ки дар он райъдихи чараён гирифт, бахои мусби дода, камбудихои системаи интихоботиро кайд намуд. Баъди огози эътилофи зиддитеррористи дар Афгонистон амнияти берунии Точикистон мустахкам гардид. Баробари ин, марзи умумии тулони бо Афгонистон Точикистонро ба инкишофи вазъият  дар кишвари хамсоя вобаста мегардонад. Афгонистон хамчунин манбаъи гардиши калон ва торафт афзояндаи маводи мухаддир боки мемонад, ки он аз тарики Точикистон ва дигар кишвархои Осиёи Маркази ба бозорхои Русия ва Аврупо баровария мешавад. Гайр аз тахдиди бевосита ба саломати ахоли ва чамъият, ки ба афзудани истеъмол ва гардиши маводи мухаддир вобаста аст, савдои маводи мухаддир хамчунин ба инкишофи бозори сиёх мусоидат намуда,   ба зиёд шудани чинояткори дар чомеа сабаб мегардад.

Нишондихандахои макроиктисоди хеле боло рафтанд. Рушди фаъол (ба хисоби миёна 9,2%), бахусус таи се соли охир ба назар мерасад, ки он ба афзоиши истехсоли хачми молхои асосии гурухи ашёи (асосан алюминий ва пахта) асос ёфта, талаботи фаъоли дохили ба афзоиши интиколи маблагхои пули аз мардикорони бурунмарзи вобаста аст. Гайр аз ин, сиёсати бучавию карзи бехтар гашт, ки он ба паст шудани касри бучет ба хадди кариб сифр дар соли 2002 оварда расонид. Курби арзи милли нисбатан устувор мебошад, гарчи нигарони аз бекурбшави ва пайдарпаии сиёсати карзию молияви боки мемонанд. Созишномахои ба кариби ба

имзорасида оид ба реструктуризатсия хачми карзхои беруниро то 985 млн. долл. ШМА (82% ММД) кам карданд. Хукумат инчунин карор кард, ки хачми сармоягузории давлатиро то ба хадди 3%  ММД (дар соли 2003 – 40 млн. долл. ШМА) кам намояд ва дар доираи барномаи ХБА ба карзхои гайриимтиёзноки давлати рох надихад. Точикистон яке аз кишвархое мебошад, ки ба амалигардонии ташаббуси ИДМ-7 дохил карда шудааст.

Дар чумлаи кишвархое, ки БААР дар он амалиёт мегузаронад, Точикистон хамчун кишвари камбизоаттарин бо хамчи даромад ба хар сари ахоли баробар ба 186 долл. ШМА дар соли 2002 боки мемонад. Камбизоати хеле пахн гаштааст (83% ахоли поён аз дарачаи миллии камбизоати[1] карор дорад). Камбагалон асосан машгули кишоварзианд, аксари онхо хочагии вокеан натуралиро пеш мебаранд ва сектори хусусии ба кишоварзи алокаманд набуда имконияти таъмини онхоро бо чойхои кори надорад. Хукумати кишвар барномаи стратегии муборизаро бо камбизоати (БСМК)-ро омода намуд, ки он мохи июли соли 2002 дар натичаи машваратхои умумимилли ва бо иштироки бевоситаи муассисахои молиявии байналмилали, аз чумла БААР кабул гардид,. Майи соли 2003 дар Точикистон чаласаи нахустини Гурухи машварати, ки дар он дар бобати кумаки нави калонхачм барои дастгирии БСМК эълом гардид, доир гашт ва баробари ин ба хукумат пешниход карда шуд, ки афзалиятхои инвеститсиониро муайян созад ва ба таъмини молиявии онхо диккати махсус зохир намояд.

Новобаста аз дастовардхои назарраси ислохот дар бобати либерализатсия, хусусигардонии хурд ва амалигардонии барномаи ислохоти замин, дар сохаи ислохоти сохтори дар Точикистон вазифахои калон истодаанд. Афзалияти асоси мубориза бо камбизоати ва фаъолгардонии истифодаи фардии имконоти махдуди давлати, инчунин баланд бардоштани пардохти андозхо мебошад. Ин масъалахо бо дигар донорхо ва муассисахои молиявии байналмилали дар доираи БСМК хал мегарданд. Бо назардошти салохият ва бартарии нисбии БААР, вазифахои мухимтарини зерин дар давраи гузариш муайян карда шудаанд: а) бехдошти шароит барои инкишофи сектори хусуси бо рохи markaziy азнавсозии сохтори ва хусусигардонии минбаъда ва ё бархам додани корхонахои калони давлати, инчунин бехдошти фазои инвеститсиони, минчумла дар сохаи идоракунии давлати; б)  ташаккули системаи молиявии конеъкунандаи талаботи инвеститсионии корхонахои хусусии махалли, бахусус КХМ, ки метавонанд шумораи зиёди чойхои нави кориро дар сектори хусуси таъмин намоянд; в) бехдошти идоракунии молияви ва истехсолию хочагии корхонахои давлатии амалкунанда бо максади паст кардани норасоии доимии молияви ва фарохам овардани шароит барои

[1] Хачми даромад ба андозаи 20 000 рубли точики (16 долл. ШМА) дар як мох дар соли 1999.

чалби инвеститсияхои иловаги барои тараккиёти сохахои мухимтарини инфраструктура.

Баробари ин ислохот дар Точикистон худ аз худ барои таъмини рушди бемайлон ва бартарафсозии камбизоати кифоя нест. Кишвар ба роххои тичоратии Осиёи Маркази ва дастрасии бозорхои кишвархои хамсоя эхтиёчи калон дорад. Захирахои бои гидроэнергетикии он танхо дар микёси тамоми минтака метавонанд самаранок истифода шаванд ва тараккиёти наклиёти автомобили ва рохи охан низ аз инвеститсияхои иловагии минтакави вобастаанд. БААР минбаъд хам кушиш ба он мекунад, ки муколамаи сиёсии минтакави бо максади бартараф сохтани монеахои номбаршуда ба рох монда шавад бо назардошти он, ки бинобар тезутунд будани ин монеахо барои Точикистон, кишвар эхтимол дарояндаи наздик низ ба молиякунонии имтиёзноки аксари эхтиёчоти худ барои рушд, ниёзманд мемонад.

Бо назардошти шароити макроиктисоди ва давраи кунунии ислохоти зикршуда, БААР дар давоми амали стратегияи мазкур ба масоили дар зер овардашуда диккати асоси зохир менамояд.

## 1. Молиякунонии сектори хусуси

Яке аз самтхои асосии стратегияи амалии БААР тараккиёти корхонахои хеле хурд ва КХМ мегардад. Новобаста аз хачми нисбатан ками лоихахои чудогона, дастгирии сохибкори метавонад самараи намунавии калон орад ва дар асоси алокамандии мутакобилаи дар иктисодиёт вучуддошта, барои ривочи тамоми иктисодиёт мусоидат намояд. Барои дастгирии КХМ ва корхонахои хурд БААР аз воситахои зерин истифода хохад кард: кредитхое, ки ба воситаи бонкхои махалли равона мегарданд, механизми инвеститсияхои бевосита, ки ба сармояхои саххоми гузошта мешаванд ва барномаи мусоидат ба инкишофи тичорат барои корхонахои иштирокчии амалиётхои савдои беруни.

Имконоти БААР дар молиякунонии корхонахои калон бо иштироки сармоягузорони стратегии хоричи бинобар фазои мураккаби инвеститсионии кишвар ва дурии чугрофии он аз сарчашмахои асосии молиякунони душвор мебошад. Имконоти муайян дар комплекси агросаноати, истехсоли пахта, истихрочи захирахои табии, бахусус металлхои кимматбахо, истехсоли алюминий мавчуданд. Аз сабаби нокифоягии натичахое, ки БААР ва дигар муассисахои молияви дар татбики лоихахои хусуси дар ин кишвар хосил шудаанд, диккати асоси бояд ба самаранокии инвеститсияхои ба накша гирифташуда, сифати идоракуни ва хостагирии сарпарастон дода шавад.

## 2. Тахкими сектори молияви

Системаи бонкии Точикистон суст буда, аз чихати молияви танкиси мекашад ва микдори бонкхои дарачаи баланде, ки метавонанд хамчун шарики БААР шинохта шаванд, кам мебошад. Бонкхои махаллие, ки чун шарик дар хати молиякунони ва механизмхои БМИТ интихоб карда мешаванд, кумаки калонхачми техникиро бо максади баланд бардоштани тахассуси мутахассисини онхо дар масоили карздихи ва идоракунии умумии молияви, минчумла барои татбики молиякунонии КХМ ва БМИТ хамчун шакли нави хизматрасони дар системаи бонкии кишвар, хоханд гирифт.

БААР хуб дарк менамояд, ки имконоти он барои васеъ гардондани фаъолият дар сектори молияви махдуданд, зеро ки аксари бонкхои шарики эхтимоли дорои дарачаи баланди хатаранд. Дар мавриди имконпазир ва самаранок, БААР барои гузоштани инвеститсия ба сармояи бонкхои махаллии амалкунанда ва нав барои баланд бардоштани имконоти онхо дар чалби воситахои молияви аз сарчашмахои беруни ва инчунин маблагхои дохили кушиш ба хар медихад. Баробари ин, бо назардошти дарачаи баланди хатархо, БААР дар назар дорад, ки онхоро бо донорхо ба воситаи Фонди махсуси таксимоти хатархо дар Осиёи Маркази (ФМТХОМ) ва дигар чорахои химоя аз хатархо хамчун воситахои истифодаи окилонаи маблагхои худ ва фаъолгардонии иштироки он дар системаи молиявии кишвар таксим намояд.

## 3. Дастгирии инфраструктураи мухимтарин

Дар сохаи инфраструктура Точикистон ба воситахои калони инвеститсиони ниёз дорад. Баробари ин, бинобар махдуд будани воситахои давлати, мукаррар кардани афзалиятнокии лоихахои давлати бо кафолати давлати ахамияти калон пайдо мекунад. Азбаски БААР бо шароити имтиёзнок маблаг намедихад, он ба молиякунонии лоихахое такя мекунад, ки барои хизматрасонии карз бе чалби кафолати давлати ба кадри кофи фоидаоваранд. Чунин лоихахо метавонанд дар сохаи наклиёти хавои ва баъзе сохахои неруи барк татбик карда шаванд. Вобаста ба дигар лоихахои сохаи мухимтарини инфраструктура БААР метавонад, масалан, воситахои худро дар якчояги бо грантхо, дар сурати мавчудияти чунин воситахо, дар сохахои энергетика ва инфраструктураи махалли бо максади таъмини шароити имтиёзнок сафарбар намояд. БААР услуби интихобиро пеш бурда, фаъолияти худро дакикан бо дигар донорхо ва ММБ бо назардошти афзалиятхои умумии инвеститсионии кишвар дар чорчубаи БСМК хамоханг месозад. Хамчун мисоли чунин хамохангсози БААР ба накшаи лоихахое ахамияти хоса медихад, ки онхо чалби маблагхои молиявии БААР-ро дар якчояги бо воситахои ММБ дигар ва грантхои донорхо дар назар доранд.

## 4. Муколамаи сиёси

Дар давоми мухлати амали стратегияи мазкур БААР минбаъд низ муколамаи сиёсиро бо хукумати кишвар бо максади бехдошти фазои инвеститсиони ва дастгирии чараёни ислохоти гузаронидаистодаи он идома хохад дод. БААР бо дигар ММБ ва доирахои сохибкори барои самаранокии муколамаи сиёси хамкории зичро ба рох мемонад.

БААР инчунин барои гузаронидани амалиёти муштараки молиякунони бо максади чалби хачми зиёдтари воситахо ба кишвар, бахусус барои лоихахое, ки метавонанд хамкории минтакавиро таквият диханд, якчоя бо дигар ММБ ва муассисахои дучониба имкониятхоро чустучу мекунад. Ба хамаи лоихахои дар Точикистон коркарда шаванда санадхои меъёрии “Сиёсати БААР нисбати хифзи мухити зист” ва “Принсипхои иттилоъи чамъият” татбик мегарданд.

НОМГУИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| БРО | Бонки рушди Осиё |
| ГТЗ | Агентии кумаки техникии Германия |
| АБББК | Агенти оид ба бархамдихии бонкхо ва бозгашти карзхо |
| АРБ ИМА | Агентии рушди байналмилалии Иёлоти Муттахидаи Амрико |
| ЧС | чамъияти саххоми |
| КАС | комплекси агросаноати |
| БЧ | Бонки чахони |
| ММД | мачмуи махсулоти дохили |
| ХОК | хочагии обу канализатсия |
| БЧО | Барномаи чахонии озука |
| ИУХТ | Иттиходи умумичахонии хифзи табиат |
| СЧТ | Созмони чахонии тичорат |
| КДР | кумаки давлати барои рушд |
| ГСМ | системаи чахонии алокаи мобили |
| КДМЭ | Котиботи давлати оид ба масоили иктисоди |
| ХЧЭ | Хазинаи чахонии экологи |
| ДХМ | Департаменти хавопаймоии мулки |
| ХМС | Хадамоти машваратии сохибкори |
| ДРБ | Департаменти рушди байналмилали |
| ИА | Иттиходи Аврупо |
| ЧИУ | Чунбиши исломии Узбекистон |
| ТИК | технологияи иттилоотию коммуникатсиони |
| КИМАА | Кооперативи интиколи маблагхои америкои ба Аврупо |
| ГМ | Гурухи машварати |
| КГ | Котиботи генерали |
| АРБК | Агентии рушди байналмилалии Канада |
| ККР | Кумитаи кумак барои рушд |
| КАС | Карз барои азнавсозии сохтори |
| АБР | Ассотсиатсияи байналмилалии рушд |
| АБСП | Агентии байналмилалии сугуртакунии пасандозхо |
| ММКТР | Механизми мубориза бо камбизоати ва таъмини рушд |
| БЧАР | Бонки чахонии азнавсози ва рушд |
| ХБА | Хазинаи байналмилалии асъор |
| СБМ | Созмони байналмилалии мехнат |
| МИБ | механизми инвеститсияхои бевосита |
| СБХМ | стандартхои байналмилалии хисоботи молияви |
| КХХ | корхонахои хеле хурд ва хурд |

| | |
|---|---|
| КХМ | корхонахои хурду миёна |
| КБМ | Корпоратсияи байналмилалии молияви |
| ФБСС | Федератсияи байналмилалии Салиби Сурх |
| ММБ | муассисаи молиявии байналмилали |
| БМТ | Бонки миллии Точикистон |
| БМА | Барномаи миллии амали |
| СГХ | созмони гайрихукумати |
| БМЧХТ | Барномаи миллии чорахои хифзи табиат |
| САХА | Созмони амният ва хамкори дар Аврупо |
| СММ | Созмони Милали Муттахид |
| ИМТ | иттиходи мухолифини точик |
| СХИР | Созмони хамкории иктисоди ва рушд |
| БИД | Барномаи инвеститсияхои давлати |
| ИБХ | инвеститсияхои бевоситаи хоричи |
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Милали Муттахид |
| БПКМРИ | Барномаи паст кардани сатхи камбизоати ва мусоидат ба рушди иктисоди |
| БМИТ | Барномаи мусоидат ба инкишофи тичорат |
| БМШ | барномаи мушохидаи штати |
| ХМИ | хукуки махсуси иктибос |
| ИДМ | Иттиходи Давлатхои Мустакил |
| КМ | корхонаи муштарак |
| СК | санатсияи корхонахо |
| БСМК | Барномаи стратегии мубориза бо камбизоати |
| НМБИ | норасоии масъунияти бадани инсон |
| СКК | стратегияи кумак ба кишвар |
| СРОХ | Созмони рушди Ого Хон |
| ХМТХОМ | Хазинаи махсуси таксимоти хатархо дар Осиёи Маркази |
| ИМА | Иёлоти Муттахидаи Амрико |
| КАТ | Корхонаи алюминии Точик |
| ШДХ | Ширкати давлатии хавопаймоии Точикистон |
| ТАСИС | Кумаки техники ба Иттиходи Давлатхои Мустакил |
| ХТ | хамкории техники |
| ТСБ | Точиксодиротбонк |
| ТТ | Точиктелеком |
| ИКБКА | Идораи кумаки башардустонаи Комиссияи Аврупо |
| ММ | муассисахои молияви |
| УП | узви парламент |
| АШРХ | Агентии Швейтсария оид ба рушд ва хамкори |
| ШМИМ | Шуъбаи масъалахои иктисоди ва молияви |

| | |
|---|---|
| ЮНЕСКО | Созмони Милали Муттахид оид ба масъалахои маориф, илм ва фарханг |
| ЮНИСЕФ | Хазинаи байналмилалии кудакони СММ |

# II. СТРАТЕГИЯ БАРОИ ТОЧИКИСТОН

# 1. Сандуки БААР

## 1.1 Нигориши фаъолияти БААР то имруз

Точикистон соли 1992 сахмдори БААР гардид. То соли 1996 амалиёти БААР бо ХТ махдуд буд. Аз он вакт БААР хафт лоихаи инвеститсиониро маъкул донист (ниг. ба замимаи 5), ки онхо чи карздихи ва чи сахмгузориро дар сармояи сахми дарбар мегирифтанд. Маблаггузории имзошуда алхол 25,5 млн. евроро ташкил медихад, ки аз ин ба карзгирандагон 10,4 млн. евро дода шудааст. Дар давоми амали стратегияи пештара БААР ду лоихаро дар сохаи наклиёт ва телекоммуникатсия ба имзо расонид. Сандуки хозираи лоихахо дарачаи санчидашудаи хатарро дар нишондоди 7,41-ро нисбат ба дарачаи миёнаи БААР баробар ба 5,58 дорост.

**Чадвали 1. Точикистон: нигориши фаъолияти БААР то имруз**

| | Ададаи лоихахо | Маблаги умумии лоихахо (млн. евро) | Воситахои БААР (млн. евро) | Карзхо (млн. евро) | Сахм дар сахмияхо (млн. евро) | % маблаггузори |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Сектори хусуси** | 2,3 | 20,2 | 9,8 | 8 | 1,8 | 33% |
| **Сектори давлати** | 3 | 25,3 | 17,7 | 17,7 | 0 | 67% |
| | | | | | | |
| **Сахмгузори ба сармояи саххомии бонкхо** | 1 | 2,7 | 0,2 | 0 | 0,2[2] | 1% |
| **Карзхо ба бонкхо** | 0,3[3] | 3,6 | 3,6 | 3,6 | 0 | 12% |
| **Наклиёт** | 2 | 12,5 | 6,7 | 6,7 | 0 | 25% |
| **КАС** | 1 | 13,9 | 5,9 | 4,3 | 1,6 | 21% |
| **Алока, информатика ва идоракуни** | 1 | 12,8 | 11,0 | 11 | 0 | 40% |
| | | | | | | |
| **Чамъ** | **5,3** | **45,6** | **27,5** | **25,7** | **1,8** | **100%** |

## 1.2 Арзёбии мухлати амали стратегияи пештара

Дар стратегияи барои Точикистон (BDS/TA/01-1(Final), 7 августи соли 2001) максади асосии амалиёт бо хадафи стратегияи мазкур мувофикат менамуд. Он чунин афзалиятхоро дарбар мегирифт: а) инкишофи сектори хусуси бо диккати махсус ба корхонахои хеле хурд, хурд ва миёна; б) дастгирии системаи молияви бо максади бартараф

[2] Марти соли 2003 БААР ва КБМ аз сармояи бонки ТСБ баромаданд.

[3] Нисбати механизмхои накшавии маблаггузории лоихахо БААР адади лоихахоро бо рохи таксим кардани хачми маблаггузори ба хачми тасдикшудаи маблаггузории накшави муайн менамояд.

сохтани садди асосии рушди сектори хусуси, бахусус КХМ, ва в) дастгирии интихобии инвеститсияхои мухимтарин ба инфраструктура.

Дар давоми амали стратегияи пештара БААР ду лоихаи зеринро ба имзо расонид: а) лоихаи чихозонии Точиктелеком ва б) лоихаи чихозонидани системаи таъминоти аэронавигатсионии ШДХ. Онхо ба амалигардонии максади сеюми стратегияи дар боло зикршуда, ки ба дастгирии инвеститсияхо ба инфраструктураи мухимтарин бахшида шуда буд, равона гашта буданд. Таъсири онхо ба чараёни ислохот дар поён (банди 1.3) мухокима мешавад ва дар хар ду маврид хам он мусби буд. Дар ин лоихахо БААР сиёсати якчоякунии воситахои худ ва грантхои донорхоро (Япония ва Швейтсария) барои ба даст омадани шароити имтиёзноки кардздихи пеш бурд. БААР то хануз лоихахоро бо кафолати давлати дар сектори давлати анчом надодааст, вале сиёсати дар боло зикршуда имкон дод, ки БААР сандуки лоихахои худро дар Точикистон зиёд намояд ва азми худро барои хамкори бо ин кишвар нишон дихад.

Молиякунонии КХМ ва инчунин дастгирии сектори молияви вазифаи душвортар гардид. Сабаби асосии ин душворихо дар ба таври лозима таракки наёфтани системаи бонкии Точикистон буда, он ба БААР имкон надод, ки иштироки худро дар ин сектор зиёд намояд. Аз чумла, пастшавии курби асъори миллии Точикистон доимо базаи асосии аксари банкхоро касод мегардонд, гарчи вактхои охир ин чараён хеле суст гашт. Баробари ин хатари курби арз омили мухим мебошад. Масалан, БААР натавонист, ки хати дуввуми маблагро ба воситаи хати карзии дар Ориёнбонк кушодашуда барои КХМ чудо намояд, зеро ки базаи асосии бонк ба хадди аккали барои додани маблагхо мукарраршуда нарасид. Гайр аз ин, ба кариби БААР мачбур шуд, ки сахми худро аз сармояи Точиксодиротбонк (ТСБ) бо сабабхои дар поён овардашуда (ниг. ба сархати охирини иловаи 1 банди 1.4) бигирад.

Новобаста аз бехдошти муайяни вазъи сиёси ва макроиктисоди, фазои инвеститсиони чун пештара хеле номусоид боки мемонад ва кишвар барои инвесторхои стратегии Гарб хеле дур буда, таваччухи онхоро чалб намекунад. Махз аз хамин лихоз, БААР натавонист, ки карзи бевосита ва сахмгузориро дар сармояи сахмии сектори хусуси анчом дихад. БААР минбаъд хам барои дарёфти чунин имконият ва татбики он дар давоми амали стратегияи мазкур кушиш ба харч медихад.

## 1.3 Таъсири барномахои БААР ба чараёни гузариш

Таъсири барономахо ба чараёни ислохот дар сохахои телекоммуникатсия ва наклиёти хавои хусусияти мусби ва калонхачм дошт. Дар сектори молияви таъсири БААР асосан дар расонидани ёрии техники ба бонки иштирокчии барномаи КХМ тачассум ёфт. Дар сектори хусусии саноати коркардабарои таъсири БААР ба чараёни ислохот

бинобар шароити мушкили иктисоди ва набудани сарпарастони эътимоднок дар ду лоихаи аз тарафи БААР молияшаванда ночиз буд.

Дар сохаи телекоммуникатсия кумаки техники ба лоихаи чихозонидани Точиктелеком барои инкишофи базаи конунгузорию меъёри, аз чумла ислохоти тарифи ва созмон додани макомоти мустакили назорати мусоидат намуд. Он хамчунин барои омодагии Точиктелеком дар мархилаи ибтидои барои хусусигардонии эхтимоли бо рохи такмилдихии идоракунии корпоративи ва молияви, инчунин чихозонидани базаи моддию-техники мусоидат намуд.

Дар сохаи хавопаймои БААР бо истифода аз маблагхои ХТ масъалахои азнавсозии сохтории наклиёти хавоиро аз руи лоихахои азнавсозии фурудгохи Хучанд ва системаи таъминоти аэронавигатсиони барои ширкати давлатии хавопаймоии Точикистон (ШДХ) тахкик кард. Дар натичаи он мохи октябри соли 2000 конун дар бораи наклиёт пешниход гардид, ки дар асоси он салохияти батанзимдарории ШДХ ба Департаменти нави хавопаймоии мулки (ДХМ) супорида шуданд[4]. Гайр аз ин, бо мусоидати БААР дар ШДХ алхол сохторхои хочаги таъсис дода шуда истодаанд, ки дар онхо СБХМ татбик гашта истодаанд.

Самаранокии хати кредити ба Орёнбонк бо сабаби шароитхои душвори иктисоди ва зуд-зуд ивазшавии рохбарияти он якранг набуд. Баробари ин, мушовир оид ба масъалаи карзхо ба КХМ, ки аз тарафи БААР ба Ориёнбонк аз руи ХТ ва ХТ дар сохаи сохтмони ташкили дода шуда буд, барои бехдошти системаи идоракуни, таквияти имконоти бахисобгирии хатархои карзи ва баланд бардоштани шаффофияти ин бонк кумак намуд, ки ин дар сурати мустахкам кардани натичахои ба дастомада барои тамоми системаи бонки намуна шуда метавонад.

## 1.4 Хулосахо

Фаъолияти инвеститсионии бобарори БААР дар сектори давлати имкон медихад ба хулосае омад, ки самараи калони таъсир ба чараёни истехсолотро метавон бо рохи якчоя кардани воситахои БААР бо грантхо ва хамохангсозии ухдадорихои карздихандагон дар сохаи гузаронидани ислохот бо дигар ММБ бо максади ичрои якхелаи онхо ба даст овард. Дар оянда, вазифаи асоси аз такрори ин дастовардхо дар асоси хамохангсозии зичи миёни донорхо бо назардошти махдудияти имкноноти хукумат дар сохаи амалигардонии лоихахо иборат мебошад.

[4] Супурдани салохиятхо ба ДХМ ба душвории дигари вобаста ба идоракунии идорави дар наклиёти хавои оварда расонид. ДХМ тафовути вазифахои назорати ва истехсолию хочагиро ба эътибор нагирифт. Ин боиси он гашт, ки ДХМ аксар вакт ба фаъолияти оперативии ШДХ дахолат намуд. Алхол БААР чорахои ислохи ин холатро андешида истодааст.

Мушкилоти молиявие, ки хангоми ичрои ду лоихаи инвеститсиони дар сектори хусуси дучор гаштанд, ахамияти ба ин лоихахо чалб кардани идоракунандагони сохибтахассус ва сарпарастони хуберо, ки барои амалигардонии онхо азм доранд, тачассум намуд (ниг. ба иловаи 1).

Хангоми ворид кардани сахмия ба сармояи саххомии ТСБ БААР бо проблемаи химояи бади хукуки инвесторон дар кишвар ру ба ру омад. Хамчунин мухим будани масоили идоракунии корпоративи зикр гардид. Нобаста аз баромадани БААР аз сармояи ТСБ он минбаъд низ муколамаи сиёсиро бо хукумат дар ин масъалахои барои амалигардонии инвеститсияхои иловаги ба секторхои хусуси ва молияви мухим идома хохад дод.

**Иловаи 1. Хулосахои мушаххаси фаъолияти инвеститсиони дар сектори хусуси**

**<u>Лоихаи фабрикаи маводи зарфсозии Хучанд</u>** дар мархилаи ибтидои аз сабаби бухрони Русия зарар дид, зеро ки ширкат дар аввал накша дошт, ки 85% махсулоти худро ба бозори Русия барорад. Рохбарияти ширкат вобаста ба бухрон чорахои лозимаро наандешид ва то ба имруз барои бехдошти куллии вазъият кушиши лозима ба харч надод. Бинобар бад шудани вазъи молиявии ширкат инвесторони хоричи кайхо таваччухи худро ба он гум карданд. Мушовирони ТАМ ва СДК кушиш карданд, ки ба ширкат ёри расонанд, вале ин натича надод. Мушкилоти асосии ин лоиха, чи хеле ки мушохида мешавад, набудани рохбарияти босалохияте мебошад, ки маслихатхои коршиносони мустакилро кабул карда тавонад.

**<u>Корхонаи “Оби Зулол”</u>** ба иктидори пуррааш мохи феврали соли 2001 ба кор даромад. Пешбини мешуд, ки лоиха барои зиёд кардани даромади кишвар аз содирот кумак хохад кард. Бинобар суст ба кор андохтани тачхизот ва паст шудани хачми фуруш дар бозорхои беруни “Оби Зулол” даромади барои пардохти карз ва фоизи он нокифоя ба даст меорад. БААР ба рохбарияти ширкат барои расидан ба хачми безарари истехсолот ва бозорхои беруни кумак мерасонад. Яке аз проблемахое, ки ин вазъро ба амал овардааст, бо мушкилоти тахлили талаботи бозор, ки дар натичаи он хачми амалиёти инвеститсиони аз талаботи чории бозор зиёд гашт, вобаста аст. Набудани имконоти содирот ба бозори Узбекистони хамсоя низ ба паст шудани хачми фуруши ширкат оварда расонд.

Мохи ноябри соли 2000[5] БААР ба сармояи саххомии **<u>ТСБ</u>** маблаггузори (200 000 долл. ИМА) кард. Соли 2002 БААР бо мушкилоти чидди дучор гашт, зеро апрели соли 2002 ТСБ сахмхои навро бароварда беподош ба баъзе сахмдорон таксим кард ва дар ин бора ба сахмдорони дигар иттилоъ надод. Ин ба он оварда расонид, ки сахми БААР аз 19,4% аввала то ба 8,3% паст шуд. БААР бо рохбарияти ТСБ ва Бонки милли якчанд музокирот доир намуд, вале онхо бенатича монданд. Мохи марти соли 2003 БААР аз чумлаи сахмдорони ТСБ баромад. Ошкоро суст будани химояи инвесторон дар Точикистон аз хама чихат ахамияти интихоби дакики шарикон ва идомаи музокиротро бо Бонки милли бо максади баланд бардоштани имконоти он дар

[5] Баъдан КБМ мохи апрели соли 2002 ба сармояи саххомии ТСБ ба маблаги 200 000 долл. ИМА маблаг гузошт.

| |
|---|
| сохаи амалияи татбики хукуки нишон медихад. |

## 1.5 Таносуби сандук

Ба сектори хусуси 33% тамоми маблаггузории БААР рост меояд. Бинобар паст будани хачми амалиёти БААР дар Точикистон ба таносуби сандук ду амалиёти ба кариби дар сектори давлати амалишуда таъсир расониданд. Пешбини мешавад, ки фаъолияти чонноки БААР дар сектори хусуси дар муддати амали стратегияи мазкур ба тадричан то ба хадди талабшавандаи 60% расонидани таносуби сандук оварда мерасонад.

# 2. Шароитхои амалиёт

## 2.1 Шароити умумии баамалбарории ислохот

### 2.1.1 Шароитхои сиёси

Солхои охир вазъи сиёси ба эътидол омад. Бахои муфассалтари сиёсиро ниг. дар замимаи 1.

### 2.1.2 Шароитхои ичтимои ва масоили захирахои мехнати

Точикистон кишвари аз хама камбизоати собик Иттиходи Шурави мебошад. Соли 2002 ММД ба хар сари ахоли 186 долл. ИМА-ро аз руи курби мубодилавии чори ва 1 374 долл. ИМА-ро аз руи афзалияти кудрати харидори ташкил дод. Танхо БЧ Точикистонро ба чумлаи кишвархое, ки фарогири АБР мебошанд, дохил намуд. Тибки тахкики сатхи зиндаги дар Точикистон, ки соли 1999 БЧ ба анчом расонд, 83% ахоли берун аз сатхи расмии камбизоати[6] карор доштанд, ки 17% он дар шароити кашшоки хаёт ба сар мебурд[7]. Аз хама камбизоаттаринхо ахолии дехот ва бекорон мебошанд. Соли 2001 даромади миёна танхо 10,6 долл. ИМА-ро дар як мох ташкил дод, яъне аксари кулли ахолии коркун аз хадди аккали зиндаги паст даромад мегирад. Конунгузори оид ба мехнат ва хукуки мехнаткашон асосан ба конвенсияхои СБМ чавогу аст, вале на хама вакт дар амалия татбик карда мешавад (муфассалтар дар ин бора ниг. ба замимаи 1).

Барои баланд бардоштани даромади хакики ва расонидани кумаки давлатии фарди ба табакахои камбизоат хукумат мохи майи соли 2002 Барномаи стратегии мубориза бо камбизоатиро (БСМК)[8] кабул кард. Стартегия барои кумаки минбаъдаи расмии донорхо асос гузошт ва афзалиятхои асосии сиёсатро дар мухлати миёна дарбар мегирад. Диккати асоси ба рушди иктисоди дехот ва кишоварзи равона шудааст, ки аз онхо аксари ахолии камбизоат вобастаанд. БСМК ба рушди сектори хусуси ахамияти аввалиндарача намедихад, гарчи хам хукумат ва хам донорхо дарк мекунанд, ки муборизаи босамара бо камбизоати ахиран рушди устувори иктисоди ва ташкили чойхои нави кориро дар сектори хусуси, ки берун аз кишоварзи хачми хеле ночиз дорад, такозо менамояд. Бо назардошти махдудияти имконот барои зиёд кардани хачми карзи давлати, вазифаи асосии хукумат аз муайян кардани афзалнокии инвеститсияхои дар БСМК ва барномаи инвеститсияхои давлати пешбинишуда иборат мебошад.

---

6 20 000 рубли точики (кариб 16 долл. ИМА) дар соли 1999.

7 Даромад ба хар сари ахолии – 1,075 долл. ИМА дар як руз.

8 БААР дар он асосан дар сохахои хавопаймои ва телекоммуникатсия ширкат меварзад.

### 2.1.3 Хамкории минтакави

Точикистон кишвари начандон калон буда, ба бахр баромад надорад. Он аз муносиботи нек бо хамсоягон барои дастрас кардани бозори онхо вобастагии амик дорад ва бинобар мушкилоти амнияти минтакавии марбут ба транзити маводи мухаддир ва вазъи сиёсии Афгонистон дучори мушкилоти чидди аст. Роххои асосии содироти Точикистон асосан аз тарики Узбекистон ва Казокистон равонаанд. Гардиши махдуди савдо бо Хитой низ чой дорад, ки он аз тарики рохи мошингард дар шарки кишвар сурат мегирад. Хатхои чануби аз тарики Афгонистон ба нимкитъаи Хиндустон дурбинои хуб доранд, вале аз сабаби ноэътидолии вазъият дар Афгонистон ба тарики лозима истифода нашудаанд. Масоили амнияти минтака ва кочоки маводи мухаддир борхо аз сабаби баста шудани сархадхо бо Узбекистон ва аз чониби Казокистон манъ кардани транзити молхо ба савдои хоричии Точикистон таъсири манфи расонидаанд. Ба баромади молхои Точикистон ба бозорхои беруни сиёсати пешгирифтаи Узбекистон дар шакли протексионизми савдо мамониат мекунад. Дар натичаи ин хачми савдои минтакави ба таври чидди кам гашт. Новобаста аз ваъдахои чандинкаратаи рохбарони кишрхои минтака дар бобати ривоч додани хамкории минтакави дар сохаи савдо ва транзит, чорахои мушаххас дида нашуданд.

Яке аз сарватхои иктисодии Точикистон ва моли асосии содиротии он неруи баркии оби ба хисоб меравад. Савдои захирахои оби ва неруи баркии Точикистон ба системаи печ дар печи додугирифти дучониба асос меёбад. Масалан, тибки созишномахои дучонибаи харсола Точикистон аз Узбекистон ва Туркманистон фасли зимистон неруи барк харида, фасли тобистон захирахои обро барои обёри медихад. Тобистон Точикистон хамчунин неруи барки зиёдатиро содир менамояд. Механизмхои нархбандии дар ин созишномахои додугирифт истифодашаванда хакикати холро тачассум намекунанд ва бахсхо дар ин бобат ба зиёд шудани хачми карз ва таъминоти ноустувор бо неруи барк оварда мерасонанд. Таъмини шароитхои иктисоди барои савдои самараноки минтакавии неруи барк ва захирахои об бароиояндаи Точикистон ва тамоми Осиёи Маркази вазифаи асоси мебошад. Вактхои охир чомеаи байналмилали барои ривочи савдои минтакави дар Осиёи Маркази фаъолона кушиш ба харч медихад. Чаласаи солонаи БААР низ мархилаи мухими хамохангсозии ин кушишхо гардид ва баъди баргузории он ММБ гуруи корие созмон доданд, ки вазифаи он аз амалигардонии ташаббусхои муштараки сиёси, аз чумла дастгирии хаматарафаи Конфронси БРО оид ба масоили хамкории минтакави дар сатхи вазирон, иборат мебошад.

Гайр аз ин, алхол БААР лоихаи минтакавии интиколи баркро омода сохта истодааст, ки он аз тарафи БРО маблаггузори карда мешавад. Вазифаи лоиха аз он иборат аст, ки ба инкишофи савдои неруи барк миёни Точикистону Узбекистон мусоидат намояд. БРО бахши точикистонии

онро маъкул донист ва БААР маблаггузории бахши узбекистонии онро ба накша гирифтааст.

### 2.1.4 Шароити хукуки

Базаи хукуки дар Точикистон нисбати кишвархое, ки дар онхо БААР амал менамояд яке аз номукаммалтарин ба шумор меравад. Ба истиснои конуни нав дар бораи ичора аз апрели соли 2003, як катор конунхои бахшида ба хифзи мухити зист, ки солхои 2001 ва 2002 кабул шудаанд ва конун дар бораи телекоммуникатсия, ки соли 2002 кабул шуда буд, конунгузории хочаги мохиятан ба шароит номувофик ва ислохои конунгузори дар бораи гарав хурдхачм мебошанд. Баъди кабули кисмхои I ва II Кодекси нави граждани дар соли 1999, ки баъзе меъёрхои он имруз ба конунгузории амалкунанда дар бораи гарав мухолифат менамоянд, ягон икдомоти чидди дар ислохоти хукуки сурат нагирифт.

Дар кишвар конун дар бораи муфлисшави кабул карда шудааст ва гарчи алхол накшахои ислохоти минбаъда барраси шуда истодаанд, дар мамлакат судхои самараноки амалкунанда оид ба парвандахо дар бораи муфлисшави, институти идоракунандагони эътимоднок ва механизмхои татбики хукуки вучуд надоранд. Нокисии амалияи татбики хукуки ва проблемаи ришвахури дар системаи суди ба чумлаи монеахои чидди дар рохи дар Точикистон барпо кардани иктисоди амалкунандаи бозори мансубанд.

### 2.1.5 Мушкилоти экологи

Дар замимаи 2 маълумоти мухтасар дар бораи проблемахои экологи дар Точикистон оварда шудаанд.

### 2.1.6 Проблемахои одобу ахлоки

Дар назди Точикистон проблемахои чиддии вобаста ба риоя накардани меъерхои идоракунии (интизоми) софдилона ва камкудратии дастгохи давлати истодаанд. Дар сохаи мубориза бо ришвахури тибки нишондодхои БЧ дар бобати самаранокии идоракуни аз соли 2001, кишвар чои 175-умро дар миёни 195 давлат ишгол менамояд. Аз руи натичахои тадкикоти фазои сохибкори ва нишондодхои фаъолияти корхонахо, ки соли 2002 гузаронида шуда буд, дарачаи баланди ришвахури аз тарафи 35% пурсидашудагон кайд гардид, ки ин ба хамин гуна нишондодхои кишвархои дигари ИДМ баробар аст. Хачми миёнаи даромади ширкатхо, ки барои максадхои пардохтхои гайриконуни таъин шудаанд, 2,6%-ро ташкил дода, хамчунин ба нишондодхои дигар кишвархои ИДМ рост меояд.

Шароитхои институтсионали дар Точикистон дар ин минтака новобаста аз пешравии назаррас дар сохаи ислохоти иктисоди аз хама номувофик хисобида мешаванд. Набудани кадрхои махаллии мутахассисон, масалан дар сохаи хисобдории мухандиси ва хисоботи

молияви ва ё хукуки корпоративи пешбурди фаъолияти сохибкориро хеле душвор мегардонад, зеро ки бисёри точикон бо максади даромадхои зиёдтар ба Русия рафтаанд. Дар сохаи татбики хукуки имкониятхои хукумат аз сабаби кам будани хадди маоши кормандон начандон васеъанд. Чун пештара проблемаи афзоиши транзити маводи мухаддир халли худро наёфтааст. Чуноне ки тачрибаи бисёре аз кишвархои чахон нишон медихад, савдои маводи мухаддир метавонад ба криминализатсияи чамъият оварда расонад, ки он барои инвеститсияхои хусуси таъсири чиддии ногувор дорад. Конунхои содда дар бораи мубориза бо сафедкунии даромадхо вучуд надоранд, вале конун дар бораи фаъолияти икстиодии беруни проблемахоеро ба танзим медарорад, ки бо фаъолияти гариконунии молияви вобастаанд.

## 2.2 Шароитхои макроиктисодие, ки ба фаъолияти БААР муносибат доранд

Баъди анчоми чанги шахрванди, дар Точикистон рушди бемайлони иктисоди ба назар мерасад. Хачми миёнаи рушд дар панч соли охир (1998-2002) 7,3%-ро ташкил дода, ба инкишофи босуръати истехсолоти саноати ва кишоварзи (ба хисоби миёна дар панч сол мутаносибан 9,2% ва 9,4 %) вобаста буда, талаботи дохили бо афзоиши хачми интиколи маблагхо (аз руи тахминхо – такрибан 80 млн. доллари ИМА дар соли 2002) конеъ гардонда мешавад. Мавкеи асосиро дар хачми истехсолот чун пештара пахта ва алюминий ишгол мекунанд, аммо баъзе нишонахои диверсификатсияи иктисоди ва баланд шудани махсулнокии мехнат дар бархе аз сохахо ба назар мерасад. Дар чор мохи соли 2003 ММД 10,2% зиёд шуд. Баробари ин, дар назар аст, ки дар дурнамои миёнамухлат рушд сусттар мешавад, зеро ки натичаи самаранокии истифода бурдани нерухои истехсоли дар ибтидои давраи гузариш ба итмом мерасад. Аз чумла, дар КАТ дарояндаи наздик проблемаи нарасидани иктидор барои минбаъд зиёд кардани истехсоли алюминий пеш меояд[9].

Аз соли 2000 тамоюли пастшавии хачми бекурбшави, ки соли пештар 14,5%-ро ташкил медод, ба назар мерасад. Баробари ин зиёд кардани музди мехнат дар сектори давлати, баландшавии нархи манбаи нерухо ва озукавори, муваккатан баркарор кардани банакшагирии директиви хачми бекурбшавиро дар давоми соли 2002 аз нишондихандахои накшави болотар бардошта, дар чормохаи аввали соли 2003 бекурбшави хеле боло рафт. Агар дар бораи оянда сухан ронем, дар соли равон таъсири баъзе омилхои бекурбкунанда бинобар баландкунии накшавии тарифхо ба хизматрасонии коммунали ва 20% зиёд кардани хачми музди мехнат дар сектори давлати (апрели соли 2003) боки мемонанд.

---

9 Корхонаи давлатии алюминий, ки кариб 60% даромадхои содиротиро таъмин менамояд.

Бинобар паст будани андозгундори ва истифодаи носарфакоронаи воситахо дар дахсолаи гузашта касри доимии бучет ба назар мерасид. Баробари ин, соли 2002 ба хукумат кариб муяссар гашт, ки мувозинати бучетро таъмин намояд. Рушди босуръати иктисоди ва таъсиси Вазорати даромадхо ва пардохтхои давлати дар ибтидои соли 2002 хачми андозгундориро баланд бардоштанд ва сарфаи харочот ба кам шудани он оварда расонданд. Баробари ин пардохти андозхо 16,1% ММД ва карзи беруна – 80% ММД-ро ташкил менамоянд, ки ин мукаммалсозии сиёсати бучетию молиявиро барои таъмини устувории молияи давлати такозо мекунад. Бо максади таъмини устувории бучет ХБА хачми нихоии чалби воситахои молиявии берунаро барои максадхои БДИ ба хадди 3% ММД (дар соли 2003 – такрибан 40 млн. доллари ИМА) мукаррар намуд. Гайр аз ин, проблемахои фаъолияти квазибучети боки мемонанд, зеро ки касри квазибучети дар энергетика сарфи назар аз зиёд кардани тарифхо ва бехтар шудани пардохти арзиши онхо дар вактхои охир, дар соли 2001 5,3% ММД-ро ташкил медод (газ – 1,9%, неруи барк – 3,0% ва гармидихи – 0,5%).

Точикистон новобаста аз он ки кишвари начандон калон буда, ба бахр баромад надорад, дорои иктисоди нисбатан кушод буда, хиссаи савдо[10] дар ММД дар соли 2002 123%-ро ташкил дод. Баробари ин, содирот дар якчанд номгу ашёи хом (пахта ва алюминий) хеле махдуд буда, аз хадди нархxои ин махсулот вобастаги дорад. Соли 2002 касри мувозанати савдо паст шуда, ИБХ афзуд, вале захирахои умуми бинобар баргардондани кредитхои ХБА бо назардошти хатогихои каблан дар хисобот чойдошта, тагйир наёфтанд. Аз нуктаи назари институтсионали кишвар дар масъалаи дохил шудан ба СЧТ ба пешрафти муайян ноил гашт. Мохи майи соли 2002 тарифхо аз нав паст карда шуданд ва номгуи молхои аз тарифхо озодбуда ихтисор шуда, декабри соли 2002 парламент меморандуми СЧТ-ро дар бораи речаи савдои беруна тасдик намуда, феврали соли 2003 онро ба СЧТ пешниход намуд. Гайр аз ин, тибки тачрибаи байналхалки кодексхои нави гумрук ва андоз ба амал баровардa шуда истодаанд.

Иктисоди пушидаи Точикистон эхтимол дорои микёси калон мебошад. Бисёр корхонахои хурд, бахусус дар дехот ва кишоварзи андозхои мукарраршударо пардохт наменамоянд, додугирифти бартери хеле ривоч ёфт. Гайр аз ин, накши калонро дар иктисоди пушида, эхтимолан савдои маводи мухаддир ташкил менамояд[11].

Созишномахои дучонибаи дар соли 2002 дар бобати реструктуризатсияи карзхо, кабл аз хама бо Узбекистон, Казокистон ва

---

[10] Чамъи воридот ва содирот, ки ба ММД таксим карда шудааст.

[11] Тибки хисоботи МКГ (апрели соли 2003) то 30% ахолии дар ин ё он дарача бо савдои маводи мухаддир алокамананд. Аз руи тахминхо, он 10-15% ММД-ро ташкил медихад.

Россия басташуда имкон доданд, ки карзи кишвар аз хадди баландтарини онхо дар соли 2000 ба хачми 1,226 млрд. долл. ИМА (124% ММД) то ба 985 млн. долл. ИМА (82%ММД) кам карда шаванд. Дар солхои наздик дар назар аст, ки пардохтхои вобаста ба хизматрасонии карзи беруна бинобар даврахои имтиёзноки бо созишномахои нав пешбинишуда кам мешаванд (аз 25,6% содирот дар соли 2001 то 13,4% дар соли 2004), вале соли 2005 онхо аз нав меафзоянд (хадди баландатарини онхо ба соли 2007 рост омада, 19% содиротро ташкил мекунад). Новобаста аз ин, карзи беруна аз руи ракамхои нархи софи овардашуда дар соли 2002 129% содирот ва 339% даромад аз андозхоро ташкил медод. Хамин тарик, Точикистон чун пештара зери таъсири проблемаи хизматрасонии карз карор дошта, аз чалби минбаъдаи воситахои беруна бо шартхои имтиёзнок вобастагии сахт дорад (ниг. ба банди 2.4).

## 2.3 Пешрафти ислохот ва вазифахои бокимонда

Дар панч соли охири баъди анчоми чанги шахрванди Точикистон ба пешравихои назаррас дар сохаи ислохоти иктисоди ноил гашт. Баробари ин, кишвар дучори мушкилоти зиёде мебошад, ки ба авзои мураккаби сиёсии минтакаи ноистикрор ва проблемахои фундаменталии рушд дар омезиш бо вазифахои мушаххаси давраи гузариш вобастаги доранд. Иктидори хукумат дар татбик ва таъмини риояи конунгузории андоз нокифоя буда, ба фаъолияти бозорхои дохили чун пештара монеахои зиёди пушида ва кушода халал мерасонанд.

Дар ислохоти сохтори дастовардхои калонтарин аз соли 1997 дар сохаи озодкунии нарххо ва савдо, инчунин хусусигардонии корхонахои хурд ба даст омадаанд (ниг. ба диаграммаи 2.1). Дар Точикистон курби шинокунандаи мубодилоти ва конвертатсияи пурраи арзи милли чой доранд, сиёсати нисбатан кушоди савдо пеш бурда мешавад ва мохи майи соли 2001 кишвар ба аъзоги ба СЧТ дархост пешниход намуд. Хукумат хамчунин барои ичрои хамаи талаботхои вобаста ба кабули моддаи VIII ХБА дар бораи конвертатсияи пурраи хисобхои чори кушиш ба харч медихад. Баробари ин, дигаргунихо дар сохахои молия, инфраструктура, инчунин ислохоти сохтории шаркатхо ва хусусигардонии ширкатхои калон чун пештара хеле суст меравад. Дар поён дастовардхои солхои охир, вазифахои мушаххас дар се сохаи зерин нишон дода мешаванд: инкишофи сектори хусуси, ислохоти системаи молияви ва дигаргунсозии инфраструктура.

## Диаграммаи 1. Пешрафти сохаи ислохот (нишондихандахои чараёни гузариши БААР дар соли 2002)




Эзох: 1 – пешрафти ночиз ё набудани пешрафт; 4+ - дарачаи баробар бо дарачаи иктисоди пешрафтаи бозори (маълумоти муфассалтарро ниг. дар “Маъруза дар бораи чараёни гузариш”)

Вазифахои асосии иктисодии Точикистон бо ташкили бозорхои муътадил амакунанда ва дастгирии институтхои бозори махдуд намешаванд. Дар назди кишвар вазифахои фундаменталии рафъи камбизоати ва баромадан аз мухосираи чугрофи истодаанд.

Ба БААР зарур аст, ки дар хамкори бо дигар шарикон накши худро дар ин чараёни васеътар муайян созад. Аксари проблемахои рузмарраи ичтимои чунинанд, ки онхоро наметавон танхо бо рохи молиякунонии тичорати хал намуд ва халли онхо ба гирифтани грантхо вобаста аст. Дарачаи баланди карзи берунаи кишвар дурнамои чалби воситахои молиявиро дар шартхои тичорати барои лоихахои инфраструктура дар сектори давлати, аз чумла дар сохахои мухимтарини энергетика ва наклиёт ба таври чидди махдуд месозад, гарчи эхтимол имконоти маблаггузории муштарак бо истифода аз грантхои донори ва дигар карзхои имтиёзнок вучуд дорад. Бо назардошти ин, мусоидат ба чалби инвеститсияхои хусуси ба Точикистон самти мухимтарини фаъолияти БААР мегардад.

Се вазифахои мухимтарини мархилаи гузариш, ки дар халли онхо БААР метавонад кумаки бевосита расонад, чунинад:

- ***бехдошти шароит барои инкишофи сектори хусуси*** бо рохи бехдошти фазои инвеститсиони, махсусан дар сохаи идоракунии давлати. Мусоидат ба инвеститсияхои хусуси ва сохибкори дар дарачаи корхонахои хеле хурд, хурд ва миёна

ахамияти багоят мухим дорад, зеро ки ин ба рафъи камбизоати бевосита мусоидат менамояд;

- ***ташкили системаи молиявие,*** ки талаботи корхонахои хусусии махалли, бахусус КХМ-ро, ки метавонанд ташкили аксари чойхои нави кориро таъмин намоянд, конеъ гардонда тавонад;

- ***мукаммалсозии идоракунии молияви ва истехсолию хочаги дар корхонахои давлати.*** Имконоти амалиёт бо кафолати давлати махдуданд, вале имконияти пешбурди амалиёт бе чунин кафолат дар сохаи наклиёти хавои, инчунин чалби маблагхои молиякунонии муштараки ройгон (грантхо) дар дигар сохахои мухимтарини инфраструктура, ба мисли неруи барк, ХОК ва дигар сохахои хочагии коммуналии махалли мавчуд аст. Назари БААР ба молиякунонии инфраструктура ба чуброни масрафхо бо назардошти омили дастрас будани хизматхо ва ба халли ин масъала бо ёрии дастгирии фардии гуруххои дахлдори ахоли асос меёбад.

### 2.3.1 Хусусигардони ва дигаргунсозии корхонахо

Дар охири соли 2002 хусусигардонии хурд амалан ба итмом расид. Аз руи тахминхо, хиссаи сектори хусуси дар ММД аз 30% дар соли 1997 дар соли 2002 то ба 50% афзуд. Баробари ин, то ба имруз танхо нисфи корхонахои миёна ва калони давлатии барои хусусигардони мукарраршуда (аз чумла хамаи 22 коргоххои пахтатозакуни) хусуси карда шуданду халос ва 300 корхонаи миёна ва калон пурра дар моликияти давлати боки монданд[12].

Гайр аз ин, ба азнавсозии самараноки сохтори сустии макомоти идоракуни ва дахолати давлат монеа мешаванд. Аксари сохахои саноат, гайр аз истихрочи тилло, ки дар он воридшавии микдори муайяни ИБХ ба назар мерасад, аз молиякунонии беруни ва тачрибаи идоракуни, бахусус дар корхонахои дар моликияти коллективи мехнати карордошта, танкиси мекашанд. Зиёда аз ин, азнавсозии КАТ бо иштироки БЧ бинобар ихтилофи назар дар бобати аудити зарурии молиявии ширкат ба таъхир афтод. Дар мохи декабри соли 2002 парламент стратегияи нави хусусигардониро маъкул донист, ки он БЧ-ро конеъ гардонда натавонист, зеро ки аксари корхонахои дар он зикршуда фаъолият намекунанд.

Аз сабаби он ки зиёда аз нисфи ахоли бевосита ё бавосита аз кишоварзи вобастаги дорад, ислохоти ба афзунгардонии имконоти

[12] Аксари корхонахои хусусигардондашудаи миёна барои иштироки БААР дар онхо начандон калон хисоб мешаванд (масалан, дар соли 2002 корхонахои аз хама калони хусусигардондашуда фабрикаи дузандаги 0,5 млн. долл. ИМА ва ширкати сохтмони – 0,4 млн. долл. ИМА арзиш доштанд). Хамаи ширкатхои коммунали ва инфраструктурави давлати мебошанд.

иктисоди ва баланд бардоштани сатхи зиндагии аксари ахоли равона шуда дар дехот, ахамияти бaгоят мухим дорад. Баъди ибтидои суст ислохоти замин босуръат пеш меравад ва он имкон дод, ки азнавсозии кариб 50% хочагихои кооперативи ва хочагихои дехкони (китъахои замини фарди) таъмин карда шавад. Кадастри замин ташкил ёфт ва нархи бакайдгирии замин кам карда шуд. Хочагихои шахси назар ба кооперативу хочагихои давлати хосилнокии хеле баланд нишон дода, ислохоти замин яке аз чорахои хавасмандкунандаи рушди кишоварзи гашт. Баробари ин аксари хочагихои хусуси барои ба даст овардани самараи калон хеле хурд буда, то хол ба дастрасии кувваи кории оила такя мекунанд. Барои мустахкам кардани дастовардхои солхои охир дар сохаи хосилнокии мехнат зарур аст, ки дар дехот муассисахои кредити ва бозори воситахои истехсолот ва инчунин системаи фуруши махсулоти кишварзи ташкил шуда, монеахои бозори дохили бартараф сохта шаванд. Гайр аз ин, системаи обёрикунии Точикистон дар сатхи хеле паст карор дорад, зеро ки каблан шабакаи васеи тачхизоти насосии он бо неруи барки арзон таъмин карда мешуд. Ин соха диккати донорхое, ки чорахои мукаммалсозии системаи истифодаи захирахои оби ва лоихакашии системахои обёрикунии аз чихати технологи нисбатан сарфакоронаро маблаггузори менамоянд, чалб мекунад.

Вазифаи асосии корхонахо чун пештара аз чалби инвеститсияхои хоричи ба чунин сохахо мисли саноати истихрочи маъдани кухи, коркарди пахта ва эхтимол баъзе бахшхои инфраструктура, ки дар онхо барои чуброни хатари калони дар кишвар чойдошта метавон самараи кифояи иктисоди ба даст овард, инчунин чалби сармояи милли барои аксари КХМ, ки асоси рушди бемайлони иктисод дар оянда шуда метавонанд, иборат аст. Баробари ин, азнавсозии сохтории корхонахои калон, аз чумла КАТ, барои паст кардани таъсирот ба воситахои давлати ва таъмини шароити баробар барои хамаи инвесторон зарур аст.

### 2.3.2 Инкишофи сохаи молия

Сектори бонки суст ва начандон тараккикарда мебошад. Пасандозгузори дар бонкхо танхо 4% ММД-ро ташкил дода, аксари пассивхо дар ин соха карзхои хоричи мебошанд. Карзхои дохили 18,6% ММД-ро ташкил медиханд. Ин нишондихандахо ба нишондихандахои дигар кишвархои камбизоати ИДМ баробар буда, аз дигар кишвархои иктисоди давраи гузаришдошта хеле паст мебошанд. Дар солхои охир болоравии нисбатан тези хачми чи пасандозхо ва чи карзхо ба назар мерасад, ки ин ба чараёни ремонетизатсияи муайян дар иктисодиёт вобаста буда хачми интиколи маблагхо меафзояд. Аксари активхои бонкхо дар чор бонки калон[13] чой гирифта, карзгирандагони асоси истехсолкунандагони пахта мебошанд.

[13] Агроинвестбонк, Ориёнбонк, Амонатбонк ва ТСБ, ки ба онхо кариб 85% активхо ва 70% пасандозхои ашхоси вокеи рост меояд.

Солхои охир мукаммалшавии сектори бонки ба назар мерасад (микдори бонкхои тичорати аз 24 адад дар соли 1994 то ба 13 дар марти соли 2003 кам шуд). Баробари ин дарачаи назорати бонки паст буда, азнавсозии сохтории бонкхои калонтарин суст чараён дорад. Миёнаи соли 2002 танхо панч бонк ба хадди аккали капитализатсия дар худуди 1,5 млн. долл. ИМА расиданд. Ин хадд дар охири соли 2002 то ба 2 млн. долл. ИМА ва то охири соли 2005 то 3 млн. долл. ИМА баланд бардошта мешавад, вале ба аксари бонкхо, аз чумла бонкхои хурди дорои рохбарияти кордон, эхтимол расидан ба ин нишондихандахо муяссар намешавад. Аксари бонкхо чун пештара барои сохахои мушаххаси иктисод амалан чун бонкхои "кисаги" амал мекунанд, ки ин ракобат ва чалби инвеститсияхои берунаро ба ин соха халалдор месозад.

Бонки миллии Точикистон накшаи азнавсозии сохтории ду бонки калонтарини кишвар – Агроинвестбонк ва Амонатбонкро кабул намуд. Агроинвестбонк ба як бонки тичорати (бо пахта алокаманд набуда) ва як иттиходи кредити (молиякунонии корхонахои пахта) таксим шуда, дар бонки давлатии Амонатбонк, ки алхол агенти пардохтхои давлат мебошад, реструктуризатсияи молияви гузаронида шуда, он дар асоси тичорати амал мекунад. Гайр аз ин, Агентии бархамдихии бонкхо ва бозгашти карзхо (АБББК), ки ба максади идоракунии активхои бонкхои бархамдодашуда ташкил шуда буд, аз сабаби бесамара будани фаъолияташ бархам дода мешавад. Аз апрели соли 2003 хукумат мухлати думохаи авфи сармояро бо максади чалби кисми маблагхои эхтимолан калони шахси ба системаи бонки ва истифодаи онхо ба максади инвеститсияи иктисодиёт эълон намуд. Баъди тамдиди ин мухлат ба дах рузи дигар ва бекоркунии мораторий такрибан 170 млн. долл. ИМА ворид гашт, вале кисми зиёди он фавран аз депозитхо гирифта шуд. Авф имкон дод, ки хачми пасандозхо дар бонкхо афзояд ва хачми иктисоди пушида кам гардад. Вале он бинобар чунин омилхо боиси нигаронии чидди гашт: а) авфи даромадхои аз фаъолияти чинояткори ба дастомада ва б) мавчуд будани проблемахои ахлоки ва мутаносибан хавасмандгардонии саркаши аз пардохти андозхо дар оянда[14].

Вазифаи асоси дар ин сектор бехдошти фаъолияти муассисахои молиявии махалли ба максади тахкими бовари, чалби пасандозхои иловагии дохили ва таъмини воситахои карздихи ба корхонахои махалли дар шароити ракобат мебошад. Зарур аст, ки он ба воситаи чалби сармояи иловаги ба ин сектор (аз чумла эхтимол бо рохи таъсиси бонкхои нав) ва ба бонкхои амалкунанда минбаъд хам расонидани ёрии техники барои баланд бардоштани тахассуси кормандони онхо оид ба карздихи хал гардад. Барои чалби инвеститсияхои иловаги ба сектори молияви

---

[14] Авф ба мухлати дах руз то 10 июни соли 2003 тамдид шуда буд.

хамчунин тахкими системаи идоракунии макроиктисоди ва салохияти назоратии Бонки милли ахамияти калон дорад.

### 2.3.3 Ислохот дар сохаи инфраструктура

Точикистон инфрастуктураи давраи шуравиро мерос гирифтааст, ки он ба инвеститсияхои калон барои азнавсози ва мукаммалгардони ниёз дошт. Баробари ин, аз сабаби чанги шахрванди ва фано шудани системаи даромадхои бучети давлати хукумат натавонист, ки хатто харочотхои таъчилии нигахдории онро таъмин намояд ва дар натича сифати фондхои мавчуда хеле паст гардид. Холати обёрикуни, ки проблемаи он танхо бо кумаки донорхо бе чалби васеи молиякунонии тичорати хал карда мешавад, боиси нигаронии чидди аст. Сохахои дигари афзалиятнок наклиёт, обтаъминкуни ва неруи барк мебошанд.

Дар ду-се соли охир хукумат ба татбики як катор ислохоти институтсионали ва тарифи ба максади асосгузори ба инвеститсияхои оянда ба инфраструктура шуруъ намуд. Бо таъсиси Вазорати энергетика ва Вазорати наклиёт салохияти батанзимандози мохиятан аз фаъолияти истехсолию хочаги чудо карда шуда буданд, вале макомоти назорати бо воситахои лозима таъмин карда нашуданд. Банромаи давлатии инвеститсионии хукумат лоихахои зиёди инвеститсиониро дар бар мегирад ва хукумат талаботро ба ислохоти минбаъдаи тарифи ва институтсиони ба максади тахкими молиявии ин инвеститсияхо ба дурнамои миёнамухлат дарк менамояд. Донорхо ва хукумат торафт диккати худро ба омезиши молиякунонии имтиёнок ва тичорати ба максади чалби сармояи венчури ба ин соха барои баланд бардоштани самараноки ва тахкими асоси молиявии он зиёдтар менамоянд.

Дар сохаи ислохоти тарифи вактхои охир пешравии назаррас ба даст оварда шудааст. Дар энергетика хадди миёнаи тарифхо вактхои охир дар натичаи ичрои барномаи БРО хеле боло рафтанд. Ширкати энергетикии давлатии “Барки точик” ба дарачаи 95% пардохти арзиши неруи барк расида, карзи муассисахои бучети ва корхонахои давлати хеле кам гардид. Ислохоти тарифи инчунин дар сектори телекоммуникатсия огоз гардида мохи июни соли 2002 арзиши мохонаи абоненти, нархи алокаи телефонии махалли ва дигар намудхои хизматрасони 174% баланд бардошта шуданд. Бо Вазорати алока ва Кумитаи зиддимонополи механизми ба тарики автомати аз нав дида баромадани тарифхо хамоханг карданд, ки он харочоти чалби воситахои нави инвеститсиониро аз тарафи оператори шабакаи телекоммуникатсионии “Точиктелеком” тачассум менамояд. Точиктелеком инчунин барои баланд бардоштани сатхи пардохти хакки хизматрасони, ки дар нимаи аввали соли 2002 88% хамаи маблагхоро ташкил дод, фаъолона кушиш менамояд. Баробари ин, сатхи пардохти хакки хизматрасони аз корхонахои давлати хеле паст буда, карзхои калони солхои пешин чой доранд, ки ин ба холати молиявии ширкат таъсири

манфи мерасонад. Хусусигардонии он дар шароити мавчуда номатлуб шуморида мешавад, зеро ки иштироки довталабони босалохият аз чумлаи ширкатхои хусуси дар музояда ба гумон аст.

Дар сохаи наклиёти хавои салохияти назоратии Ширкати давлатии хавопаймоии Точикистон (ШДХ) ба Департаменти нави хавопаймоии мулкии (ДХМ) назди Вазорати наклиёт дода шуд. Гайр аз ин пешбини мешавад, ки се сохтори истехсолоти (наклиёти хавои, хадамоти фурудгох ва аэронавигатсия) аз чихати молияви аз хам чудо карда шуда, маблаггузории чандчониба ба хадди аккал расонида мешавад. Бо воридшавии ширкатхои хавопаймоии хоричи инчунин болоравии ракобат дар соха дар ояндаи наздик дар назар аст.

Муайянсозии афзалияти инвеститсияхо бо назардошти махдудияти воситахои давлати, ичунин фаъолтар чалб намудани инвеститсияхои хусуси барои чихозонии инфраструктура вазифаи асоси дар ин соха ба хисоб меравад. БААР метавонад дар халли он дар чахорчубаи сиёсати тичоратии худ ва дастгирии бо он алокаманди инкишофи ташкили кумаки худро расонад. Баробари ин, вай фаъолияти худро бо дигар донорхо ва ММБ бо максади истифодаи инвеститсияхо дар афзалиятхои мукарраркардаи хукумат хамоханг месозад.

## 2.4 Дастрасии сармоя

Аксарияти инвеститсияхои давлатии Точикистон, инчунин молиякунонии давлатии касри сохтории маблагхои чори чун пештара, асосан аз хачми маблаггузории расми аз чониби донорхо ва ММБ воста аст. Новобаста аз афзоиши ИБХ дар соли 2002 хачми онхо аз кумаки расми хеле кам буда, дар ояндаи наздик ба гумон аст, ки чои онро гиранд. Карзи бонкхои тичоратии ба секторхои пахта ва алюминий додашуда, асосан ба максади пурра кардани воситахои гардиш равона шуда, на хама вакт барои Точикистон шартхои судманд доштанд.

Соли 2001 дар Токио ва соли 2003 дар Душанбе Точикистон ду вохурии натичабахши Гурухи машваратиро доир намуд, ки дар онхо донорхо мутаносибан чудо кардани 400 млн. долл. ИМА ва 900 млн. долл. ИМА-ро ваъда карданд. Баробари ин, тачрибаи ду соли охир нишон дод, ки амалан танхо 60% маблагхои ваъдашуда чудо карда шуданд, зеро ки донорхо минчумла аз сатхи пасти азхудкунии маблагхои чудошуда аз тарафи хукумат изхори нигарони намуданд. Гайр аз ин, пешрафти сусти ислохот дар баъзе сохахои мухимтарин барои ба таъхир афтодани воситахои карзии ХБМ ва БЧ дар солхои 2001-2003 сабаб гашт, ки ин хачми азхудкунии вокеии маблагхоро то ба хадди 250 млн. долл. ИМА (ё 130 млн. долл. ИМА, агар маблаггузории ММБ истисно карда шавад) дар давоми ду сол кам кард. Агар нишондихандаи азхудкунии маблагхои мувофики ухдадорихои ГМ дар соли 2003 чудошуда бетагйир монад,

хачми харсолаи азхудкуни 150 млн. долл. ИМА ё 15% ММД-ро ташкил медихад. Дар БСМК дар ду соли оянда дар хачми умуми ворид шудани 689 млн. долл. ИМА пешбини шудааст, ки аз онхо 543 млн. долл. ИМА бояд аз сарчашмахои беруна чалб карда шаванд, вале донорхоро хануз хам муайян набудани афзалиятхои БИД ба ташвиш меоварад, ки ин метавонад ба камшавии хачми маблаггузори оварда расонад.

Дар Точикистон воситахои дастрасии сектори хусуси ба карзхои дароз ва миёнамухлат хеле махдуд мебошад. Ставкахои фоизи баланд буда, карзхо дар аксари мавридхо аз тарафи бонкхо ба мухлати кутох (то се мох) дода мешаванд. Махсусан барои корхонахои хеле хурд, хурд ва миёна (онхо зиёда аз 90% хамаи корхонахои кишварро ташкил медиханд) гирифтани карз аз бонкхо хеле мушкил аст. Тавре ки дар хисоботи Гурухи байналмилалии бартарафкунии бухронхо оид ба Точикистон дар соли 2003 кайд гардидааст, аксари барномахои микрокредитии донорхо бехад хурдмикёсанд ва барои ширкатхои босуръат тараккикунандаи шахрхо судманд нестанд, хатхои карзи барои КХМ бошанд, талаботи онхоро ба сармояи карзи конеъ гардонда наметавонанд.

Яке аз сохахое, ки маблаггузории хусусиро чалб менамояд, сохаи истехсоли пахта мебошад. Тибки маълумотхо ин соха дар соли 2002 аз инвесторони хоричи 90 млн. долл. ИМА дар шакли карзхои тичорати ва бидуни кафолат чалб кардааст, ки ба истехсолкунандагони пахта аз руи ставкаи 12% дода шуда буданд. Баъди ин сохаи истехсоли алюминий карор дорад. Карзи тичоратии ширакти давлатии алюминий (КАТ) такрибан 110 млн. долл. ИМА-ро ташкил мекунад, ки аксари инро воситахои гардишии аз тарафи интиколкунандагони ашёи хом ба корхона додашуда ташкил медиханд. Дар кишвар бозорхои амалкунандаи дохилии хиссагузори ба сармояи саххоми вучуд надоранд ва бозорхои байналхалкии сармояи карзи ва саххоми барои корхонахои Точикистон кариб дастнорасанд.

# 3. Самтхои стратеги

## 3.1 Афзалиятхои БААР дар мухлати амали стратегия

Бинобар вазифахои мушкили дар назди Точикистон дар сохаи инвеститсияхо ва ислохот истода, афзалиятхои БААР дар давмои мухлати амали стратегияи мазкур чунинанд:

а) молиякунонии сектори хусуси бо диккати махсус ба корхонахои хеле хурд, хурд ва миёна;

б) тахкими сектори молияви бо рохи расонидани кумаки техники ба он ва аз руи имкон истифодаи хачми иловагии сармоя;

в) дастгирии лоихахои мухимтарини инфраструктура бо диккати махсус ба афзалиятноктаринхо, инвеститсияхои таъиноти тичоратидошта дар хамкории зич бо дигар донорхо ва ММБ;

г) идомаи муколамаи сиёси.

Бо назардошти мушкилоте, ки дар чараёни татбики лоихахои инвеститсиони дар кишвар пайдо мешаванд, БААР Хазинаи махсуси таксимоти хатархоро дар Осиёи Маркази (ХМТХОМ), ки соли 2002 барои дастгирии сектори хусуси бо рохи барпо кардани шароити мусоид барои иштироки васеи бонкхои махалли дар молиякунони ва бо ин васила мусоидат намудан ба рушди сектори молияви таъсис дода шудааст, фаъолона истифода мебарад. БААР инчунин барои рушди минбаъдаи хамкори бо дигар донорхое, ки бинобар ташаббуси ИДМ-7 ва чаласаи охири ГМ дар Душанбе торафт ба кишвар мароки зиёд пайдо мекунанд, кушиш зарури ба харч хохад дод. Ин сохаи хамкорихо дар бар мегиранд: а) истифодаи фаъолонаи грантхо тибки механизмхои молиякунонии муштарак, ки ба БААР имкон медихад, ки лоихахои мухимтарини инфраструктуриро ичро намояд ва б) ворид кардани сахми иловаги ба ХМТХОМ[15].

Дар давоми мухлати амали стратегияи мазкур БААР минбаъд низ муколамаи сиёсиро бо хукумат бо максади бехдошти фазои инвеститсиони ва расонидани кумак ба ислохоти пешбурдаистодаи вай идома медихад. Барои баланд бардоштани самаранокии чунин муколамаи сиёси БААР фаъолияти худро бо дигар ММБ ва доирахои сохибкори зич хамоханг месозад. Он инчунин барои дарёфти имконоти молиякунонии муштарак бо дигар ММБ ва муассисахои дучониба барои чалби воситахои калони

[15] То ба имруз хукумати Швейтсария 6 млн. евро (БМИТ, КХХ ва МИБ), хукумати Германия бошад – 2,45 млн. евро (БМИТ) ворид кардаанд, ки дар хачми умуми 8,45 млн. евроро ташкил медиханд. Хукумати Швейтсария имконияти ворид кардани боз 2 млн. евроро барои барномаи КХХ дар Тољикистон барраси карда истодааст.

маблагхо, бахусус барои лоихахое, ки барои тахкими хамкории минтакави хидмат менамоянд, кушиш менамояд.

## 3.2 Вазифахои сохави ва хадафхои БААР

### 3.2.1 Молиякунии сектори хусуси

**Вазифахои мархилаи гузариш**

Барои БААР хадафи асосии мархилаи гузариш дар ин соха тахкими асосхои сектори хусуси дар иктисодиёт мебошад. Новобаста аз афзоиши вактхои охир мушохидашавандаи умедворкунандаи шумораи кормандон дар сектори хусуси, таъмини устувории ин чараён самти асосии афзоиши шугли ахолии бахусус дар дехот босуръат зиёдшавандаи Точикистон мебошад. Гарчи инвеститсияхои БААР, ки тавассути хатхои ифтитохнамудаи кредитии он барои КХМ ва КХХ воридшаванда хачми начандон калон дошта бошанд хам, онхо метавонанд самараи калони намунави пайдо кунанд ва барои сохибкори омили хавасмандкунанда гарданд. БААР хамчунин барои фаъол гардондани шомилгардии Точикистон ба робитахои хочагии чахони бо ёрии барномаи худ оид ба мусоидат ба тичорат кушиш ба харч хохад дод. Барои чунин кишвари аз чихати чугрофи сарбаста мисли Точикистон кам кардани харочоти сохаи савдои беруни метавонад барои инкишофи гардиши савдо ахамияти халкунанда дошта бошад.

Хадафи дуввуми асосии БААР дар сектори хусуси чалби инвеститсияхои иловагии хоричи барои корхонахои нисбатан калони махалли мебошад. Точикистон аз чихати мавкеи чугрофии худ ва каналхои дастрасии бозорхои беруна, ноэътидол будани вазъи сиёси дар гузаштаи наздик, сустии макомоти идоракуни ва иктидори дастгохи давлати, инчунин бинобар сатхи умумии камбизоати барои инвеститсияхо чалбкунанда нест. Сарфи назар аз ин имконоти муайян, махсусан дар сохаи коркард ва истихрочи канданихои фоиданок, истехсоли махсулоти кишварзи вучуд доранд ва БААР кушиш ба он мекунад, ки онхо фаъолона истифода шаванд. Бо баланд шудани суръати хусусигардони ва азнавсозии сохтории корхонахои миёна ва калон метавонанд имкониятхои нави инвеститсионие пайдо шаванд, ки барои дастгирии ин ислохоти мухимтарин аз тарафи БААР рох мекушоянд.

## Самтхои асосии фаъолият

### *Тараккиёти сохибкори*

БААР корхонахои хеле хурд ва хурдро бо рохи ифтитоти хати кредити ба онхо тавассути бонкхои махаллии интихобкардааш дастгири менамояд. Барнома додани карзхои хурдро асосан ба мухлати кутох ба доираи васеи сохибкорон, аз чумла дар сохахои истехсолот, тичорат ва хизматрасони пешбини менамояд. БААР бо ду бонки Точикистон, ки иштирокчиёни нахустини ин барнома хоханд шуд музокирот гузаронда истодааст ва дигар бонкхо ба он дар давоми мухлати амали стратегияи мазкур чалб карда мешаванд, ба шарте ки онхо ба талаботхои мукарраршуда чавобгу бошанд. Карзхо баробар бо расонидани кумаки хаматарафаи техники ба бонкхои иштирокчи сурат мегирад.

БААР фаъолона ба интихоби лоихахои хурдмикёси инвеститсиони бо иштироки сохибкорони махалли тавассути механизми инвеститсияхои бевосита машгул аст. Хангоми интихоби онхо БААР тачрибаи ичрои лоихахои хусусии амалкунандаро ба назар гирифта, хатман ташхиси лоихахо, тахлили талаботи бозор ва назорати лоихаро ба рох мемонад. БААР хамчунин имконияти истифордаи ХМТХОМ-ро ба максади таксими хатархои лоихави барраси менамояд, агар лоихахои дахлдор барои мархилаи гузариш таъсири калон расонида тавонанд.

### *Мусоидат ба инкишофи тичорат*

БААР имконияти таъсиси механизми БМИТ-ро барои додани кафолат аз руи аккредитивхои бонкхои махалли барои воридкунандагон ва содиркунандагони Точикистон барраси хохад кард. Ин барнома имкон медихад, ки корхонахои Точикистон ба бозорхои байналхалки ва минтакави бароянд ва робитахои Точикистон бо бозорхои байналхалки мустахкам гарданд. Барои татбики ин барнома БААР интихоби бонкхои дахлдори махаллиро мегузаронад ва ба онхо кумаки хамачонибаи техники дар тайёр кардани мутахассисон дар сохаи карздихи ба карордодхои тичорати мерасонад. Гайр аз БМИТ-и стандарти, БААР дурнамои маблагчудокунии содиротиро ба сектори кишоварзи, масалан барои максади бо маблагтаъминкунии воситахои истехсолот ва ичораи техникаи кишоварзи барои пахтакорон дар хамкори бо бонкхои тичоратии дар минтака амалкунанда меомузад.

***<u>Дастгирии ИБХ, хусусигардони ва азнавсозии сохтори</u>***

Бинобар шароити вазнин барои фаъолият сармоягузорони хоричи чун пештара ба Точикистон таваччухи калон зохир намекунанд ва хачми начандон калони сармояро ба сохахои саноати сабук ва коркард, инчунин КАС мегузоранд. Баробари ин, БААР сохахои КАС ва истехсоли пахта, ки татбики лоихахо дар онхо ба баландшавии сатхи зиндагии ахолии дехот таъсири мусби мерасонад, инчунин сохаи коркарди захирахои табии, бахусус истихрочи металлхои кимматбахоро ояндадор мехисобад. БААР имконоти афзоиши чалби инвеститсияхои хоричиро ба ин сохахо меомузад. Дар саноати коркарди маъданхои кухи, бо назардошти шароити душвор ва натичахои гуногуни фаъолияти дигар муассисахои молияви, амалиёти БААР бо расонидани кумак ба корхонахои муштараки муътадил фаъолияткунанда бо иштироки сарпарастони босалохияти хоричи махдуд мегардад. Гайр аз ин, БААР имконоти татбики чунин механизмхоро мисли ичораи тачхизот ё молиякунонии содироти меомузад. Нисбати лоихахо дар сектори хусуси ба самаранокии молиявии лоихахои ба накша гирифташуда, инчунин ба нишондихандахои сифатии системаи идоракуни ва сарпарастон таваччухи махсус зохир карда мешавад.

Дар фаъолияти худ БААР минбаъд хам диккати асосиро ба лоихахои хурдмикёси хусуси дода, баробари ин барои дастгирии хусусигардони ва азнавсозии сохтории корхонахои калони давлати кушиш ба харч хохад дод. БААР минбаъд низ бо БЧ ва КБМ дар масъалаи азнавсози ва хусусигардонии ширкати давлатии алюминии КАТ хамкори менамояд. Ба чумлаи масъалахои мухимтарине, ки хангоми азнавсозии КАТ бояд ба назар гирифта шаванд, инхо мансубанд: а) саранокии корхона дар сурате, ки ба нархи сарчашмахои энергетики хамаи харочотхо ворид карда шаванд (тадкикоти аз тарафи КБМ маблаггузоришуда имкон медихад хулоса баровард, ки дар ин маврид КАТ фоидаовар мегардад); б) холати молиявии ширкат бо назардошти хачми баланди карзхо дар балански он ва в) идоракунии корпоративии ширкат ва накши интиколкунандаи хозираи ашёи хом ва харидори махсулот дар азнавсози ва хусусигардонии ояндаи КАТ. БААР накшаи амалии БЧ-ро, ки хамчун чораи аввал интишори аудити пурраи молиявии ширкатро пешбини менамояд, чонибдори мекунад.

### 3.2.2 Тахкими сохаи молияви

**<u>Хадафи мархилаи гузариш</u>**

Хадафи мархилаи гузариш дар ин соха аз хамкории интихоби бо муассисахои махаллии молияви бо максади баланд бардоштани нишондихандахои фаъолияти онхо ва таъсиси миёнаравони боэътимод барои фаъолияти БААР дар чахорчубаи хати КХХ, КХМ ва БМИТ иборат мебошад. Стандартхои баланди идоракунии корпоративи ва шаффофии молиявиро ба даст оварда ва эхтимол дар муассисахои амалкунанда ё нави

молиявии Точикистон иштирок намуда, БААР кушиш менамояд, ки дар соха ракобат зиёд шавад ва самараи намунави пайдо гардад, зеро ки дигар муассисахои молияви кушиш мекунанд, ки ба дастовардхои шарикони БААР ноил гарданд. Баробари ин, бояд кайд кард, ки бо назардошти шароити душвори дар ин ё он соха чойдошта алхол пешрафт ногузир тадричи мешавад ва хар замон катъ шуда метавонад.

<u>**Самтхои асосии фаъолият**</u>

***Молиякунии корхонахои хеле хурд ва мусоидат ба инкишофи тичорат***

Барои баланд бардоштани самараи кори бонкхои махалли БААР ба сифати воситахои асоси карзхои кутох ва миёнамухлат тавассути хатхои барои КХХ, карзхои миёна ва дарозмухлат тавассути хатхои барои КХМ таъиншуда ва механизмхои БМИТ-ро дар якчояги бо бахшхои кумаки техники истифода менамояд. БААР ташхиси дакики бонкхои махаллии интихобкардаашро барои аз чумлаи онхо муайян кардани шарикони самаранок барои таъсиси чунин механизмхо амали мегардонад. Гайр аз ин, минчумла нисбати БМИТ, ХМТХОМ воситаи мухимтарини фаъолгардонии кори БААР бо бонкхои махаллие мегардад, ки ба талаботхои БААР дар масоили шафофии молияви ва идоракунии корпоративи чавобгу буда, вале сармояи кифоя надоранд ва ниёманди маблаггузори аз чониби БААР мебошанд.

Аз бонкхои шарик инчунин талаб карда мешавад, ки сатхи идоракунии корпоративи, шафофият ва муборизаро бо сафедкунии маблагхо дар чахорчубаи накшаи амалиёти ислохкунанда, ки чузъи таъсиси хати карзи барои КХХ мебошад, баланд бардоранд.

***Кумаки техники ба сектори бонки***

Барномахои КХХ ва СРТ расонидани кумаки зиёди техникиро барои баланд бардоштани тахассуси мутахассисон аз руи масъалахои баходихии карзи ва идоракунии молиёт, инчунин барои мусоидат намудан ба татбики ин шаклхои нави хизматрасони дар фаъолияти бонкхои махалли пешбини менамоянд.

Барои бехдошти шароитхои батанзимандози ва назорат дар ин сектор БААР минбаъд хам муколамаи сиёсиро идома хохад дод. Яке аз намунахои ин кор семинар дар бораи системаи сугуртакунии пасандозхо барои Осиёи Маркази гашт, ки онро БААР якчоя бо АБСП (Агентии байналмилалии сугуртаи пасандозхо) мохи январи соли 2003 дар Базел доир намуда, он асосан аз чониби хукумати Швейтсария якчоя бо корпоратсияи сугуртаи пасандозхои Япония маблаггузори карда шуда буд. Семинар барои макомоти танзимкунандаи бонки, аз чумла ба Бонки милли (ки алхол конунро дар бораи сугуртаи пасандозхо тахия менамояд), имконияти нодири шиносоиро бо чихатхои мусби ва манфии системаи сугуртаи пасандозхо пешкаш намуда, барои таъсиси системахои

самаранок фаъолияткунанда дар кишвархои Осиёи Маркази мусоидат намуд.

***Тахкими базаи асосии сектор***

Новобаста аз он ки БААР бо мушкилоти чидди дар сохаи идоракунии корпоративии бо паст кардани сахми БААР дар сармояи ТСБ алокаманд дучор гашт, БААР минбаъд низ бо эхтиёткори барои дарёфти имконоти иштирок дар сармояи як катор бонкхои кайхо амалкунанда ва ё нав ба максади тахкими базаи асоси ва сатхи миёнаравии молияви дар сектори бонкии кишвар кушиш менамояд. Ташхиси дакики муассисахои шарики барои ин максад интихобшуда ва муколамаи мунтазами сиёси бо Бонки милли барои тахкими тафохум нисбати шароити талабшаванда барои чалби инвеститсияхои бевоситаи хусуси ба сектори бонки самти мухими ин кор мегардад. БААР муколама и сиёсиро дар масъалахои идоракунии корпоративи, батанзимдарории бонки ва назорат бо назардошти тачрибаи кори худ бо ТСБ фаъол мегардонад. Аз руи имкон, БААР инвеститсияхои иловагиро аз сарчашмахои давлати ва хусуси барои ширкати муштарак дар сармояи бонкхои алохида чалб менамояд.

### 3.2.3 Дастгирии инфраструктураи мухимтарин

**<u>Хадафхои мархилаи гузариш</u>**

Баланд бардоштани сифати инфраструктура бо назардошти махдудияти воситахои мавчудаи давлати ва зарурати барпо кардани база барои фаъолияти босуботи ояндаи корхонахои инфраструктура, аз руи имкон бо рохи чалби инвеститсияхои хусуси, максади асосии мархилаи гузариш дар ин сектор мебошад. Тавре ки дар банди 2.3.3 зикр шуда буд, дар дахсолаи охир холати инфрастуктура аз сабаби сатхи пасти хадамоти техники ва норасоии инвеститсияхои нав хеле бад шуд. БААР ба он кушиш менамояд, ки бо назардошти имкониятхои махдуди карзии кишвар ба инвеститсияхои нав интихобан мусоидат намояд. Чонибдории худро ба сиёсати таъиноти тичоратидошта, ки омезиши инвеститсияхоро барои азнавсози ва чохозони бо ислохоти системаи тарифи ва базаи меъёри дар назар дорад, изхор намуда, БААР мусоидатро ба кам кардани касри квазифискали дар сектори давлати (бахусус дар энергетика) ва озодкунии воситахоро барои молиякунии сохахои мухимтарини сектори ичтимои максади худ карор медихад. БААР бо назардошти лоихахои афзалиятноки интихобкардаи хукумат дар чахорчубаи барномаи инвеститсияхои давлати фаъолият намуда, аз руи имкон маблагхои донорхо, инвесторхои хусуси ва дигар ММБ-ро ба максади таксимоти мусоидтари хатархои лоихави ва ба даст овардани самари бештар дар масъалаи таъсири он ба мархилаи гузариш чалб менамояд.

**<u>Самтхои асосии фаъолият</u>**

Наклиёти хавои чун пештара самти асосии фаъолияти БААР дар Точикистон мебошад. Барои кишвар бинобар дурии чугрофии он ва надоштани робитахои хочаги бо кишвархои дигари минтака ва олам ин соха ахамияти хаётан мухим дорад. Лоихахои наклиёти хавои бинобар афзоиши хачми гардиши бору мусофир барои ислохот дар иктисоди кишвар дар сохаи тичорат, мутаххаррикии кувваи кори, информатика ва алока мусоидат менамоянд. Хачми мусофиркашони хеле зиёд гашт, вале хавопаймохои мавчудаи ШДХ талаботи рузафзунро конеъ гардонда наметавонанд. Азбакси кудрати карзгирии хукумат имконоти онро барои додани кафолати давлати махдуд месозад, БААР кушиш ба он мекунад, ки бо ШДХ чун корхонаи тичорати бе кафолати давлати ва дар асоси даромадхои он кор барад. БААР барои муайян кардани самаранокии лоиха асосноккунии техникию иктисодии онро маблаггузори менамояд.

Самти дигари афзалиятноки фаъолияти чи БААР ва чи хукумат бо инфраструктураи махалли ва экологи алокаманд аст. Сухан дар бобати он меравад, ки БААР чунин сохахоро мисли ХОК ва наклиёти шахри дар шахрхои асоси, ки дар онхо ахоли аз сатхи пасти хизматрасони сахт ранч мекашад, дастгири менамояд. Дар доираи чахорчубаи сахти кунунии дастрасии нарххо барои истеъмолкунандагон (кобилияти харидории ахоли) амал намуда, БААР татбики услуби тичоратиро аз тарафи корхонахои махалли барои баланд бардоштани сифати хизматрасони ва кам кардани харочот дар якчояги бо тадричан кабул кардани тарифхое, ки чуброни харочотхоро таъмин мекунанд ва баланд бардоштани хачми пардохти хакки хизмат бо максади он, ки корхонахои махалли тадричан дар дурнамои миёнамухлат тавонанд ба пешниходи хизматрасонии аз чихати молияви устувор гузаранд, дастгири менамояд. Барои ин гузаронидани азнавсозии сохтории калонмикёс дар шароите, ки хокимияти махалли бояд дар сатхи корхонахо ва вохидхои махалли имконоти лозимаро барои ичрои лоихахо ва назоратро аз рафти ичроиши онхо таъмин намоянд, зарур аст, то ки имконоти истифодаи инвеститсияхои нав пайдо гардад.

Барои маблаггузори ба ин лоихахо бо назардошти кобилияти харидории истеъмолкунандагони Точикистон зарурати гирифтани грантхо ба максади маблаггузории муштарак пеш меояд. Гайр аз ин, чунин грантхо низ хамчун чузъи молиякунии имтиёнок барои карзгирии ташкилотхои давлати ва таъмини мувофикати хачми чунин карзгири бо меъёри баландшавии карзи давлати ва маблаггузории харсола барои хизматрасонии карзи беруна, ки миёни хукумат ва ХБА хамоханг шудааст, ахамияти калон доранд. Барои якчоякунии сармоягузорихое, ки аз хисоби карзхо ва кредитхои беподоши БААР маблаггузори карда мешаванд, бояд ба донорхо барои чалби маблагхои онхо ба максади маблаггузории муштарак ва воситахои хамкории техники мурочиат намуд.

Нисбати лоихахои дигари инфраструктури БААР ба услуби дар боло ишорашудаи тичорати дар масъалаи интихоби лоихахое, ки устувории молиявии корхонахоро таъмин менамоянд, такя мекунад. Бо назардошти боигарии нерухои обию баркии кишвар, БААР метавонад имконоти татбики лоихахои энергетикии хурдмикёсро мавриди омузиш карор дихад. БААР бояд услуби навовариро дар коркарди накшаи чунин лоихахо ба кор барад ва чузъи мухими самаранокии онхоро метавонад чалби грантхо ташкил дихад.

### 3.2.4 Муколамаи сиёси

Дар давоми мухлати амали стратегияи мазкур БААР минбаъд низ муколамаи сиёсиро бо хукумати кишвар бо максади бехдошти фазои инвеститсиони ва мусоидат ба фаъолияти ислохотии он идома медихад. Барои баланд бардоштани самаранокии муколамаи сиёси БААР фаъолияти худро бо дигар ММБ ва доирахои сохибкори, аз чумла дар чахорчубаи рушди БСМК зич хамоханг менамояд.

### 3.2.5 Самараи экологии стратегияи БААР

Дар стратегия барои Точикистон татбики як катор лоихахое пешбини мешавад, ки аксари онхо самараи экологи доранд. Инвеститсияхо ба корхонахои хеле хурд ва КХМ метавонанд ба рушди устувор мусоидат намоянд ва лоихахо дар сохаи  инфраструктураи махалли ва экологи, аз чумла бо об таъминкуни ва наклиёти шахри метавонанд барои ба даст овардани самараи экологи имконот фарохам оранд. Лоихахои наклиёти хавои ба баланд шудани бехатарии парвозхо дар минтака мусоидат мекунанд.

Дар тафовут аз лоихахое, ки максади онхо ба даст овардани самараи экологи ё баланд бардоштани техникаи бехатари мебошад, БААР бояд дар масъалаи интихоби лоихахо дар сохахои захирахои табии ё истехсоли пахта дакиккорона рафтор намояд. Ин амал барои хачми хурди маблаггузорие, ки дар онхо иштироки сарчашмахои берунаи маблаггузори метавонад начандон васеъ бошад, ахамияти махсус дорад. Азбаски обёрии бо истехсоли пахта дар кишвархои Осиёи Маркази алокаманд ба камшавии захирахои оби бахри Арал ва сар задани проблемахои дигари бо ин робитадошта оварда расонид, хама гуна лоихахои дар ин соха пешниходшаванда бояд дар масъалаи мувофикати онхо ба талаботхои директивии БААР мавриди таххикики чидди карор гиранд. Лоихахо дар сохаи истехсоли пахта, эхтимол бояд бо чунин чорабинихои институтсионали ба мисли расонидани кумаки техники дар истифодаи самараноки захирахои табии, захирахои об, дар барномаи комплексии мубориза бо зараррасонандагон ва халли дигар масоили принсипиали мутобик гардонда шаванд.

Санадхои директивии соли 2003 кабулнамудаи БААР “Сиёсат дар масъалаи хифзи мухити атроф” ва “Принсипхои иттилоърасонии чамъият”

низ барои баланд бардоштани шаффофият хангоми ичрои лоихахои БААР мусоидат хоханд намуд.

# 4. Хамкори бо дигар созмонхои байналмилали

Бо назардошти сатхи кунунии камбизоати ва махдудияти бучети давлати, Точикистон ба кумаки калон, бахусус дар шакли карзхои беподош ниёз дорад. Хангоми чаласаи 4-уми Гурухи машварати мохи майи соли 2003 донорхои дучониба ва бисёрчониба ваъда доданд, ки дар се соли наздик 900 млн. долл. ИМА чудо намоянд, аз чумла 200 млн. долл. ИМА чун ёрии башардустона. Ин хачм назар ба хачми ваъдаи соли 2001 дар чаласаи дар Токио барпошуда эълонгашта хеле зиёд аст (дар Токио 400 млн. долл. ИМА ваъда шуда буд, вале то мохи майи соли 2002 танхо 233 млн. долл. ИМА чудо карда шуд). Кумак асосан ба БСМК асос меёбад ва барои максади бехдошти шароити ичтимои (тандурусти, маориф ва рафъи камбизоати), инфраструктура, идоракуни ва хадамоти давлати равона карда шудааст. Дар БСМК сектори хусуси мавкеи начандон калонро ишгол менамояд, вале дигар дорнорхо ахамияти мухими инвеститсияхои хусуси ва хусусияти пурракунии байнихамдигарии ин инвеститсияхоро бо инвеститсияхои БААР тасдик менамоянд. Дар сектори давлати новобаста аз хачми калони маблагхои чудошаванда, донорхоро чун пештара набудани афзалиятнокии аник муайяншудаи лоихахое, ки бояд тавре тахия карда шаванд, ки тадричан вобастагии кишварро ба грантхои беруна кам кунанд, ба ташвиш меоварад. Дар сохаи инфраструктура чой доштани чунин проблемахо ба мувофики максад будани услуби тичоратие, ки якчоягии инвеститсияхои хусуси ва маблаггузории ММБ ва грантхои донорхоро ба максади кам кардани таъсири ба истилох “мушкилоти дастраси” дар назар дорад, ишора менамоянд.

Точикистон яке аз кишвархое мебошад, ки дар ташаббуси ИДМ-7 – ташаббуси байналхалкие, ки барои рафъи камбизоати ва таъмини рушди бемайлони иктисоди ва хизматрасонии карзи берунаи кишвархои ИДМ бо хачми пасти даромад равона шудааст, иштирок менамояд. Ба ин ташаббус хафт кишвари ИДМ шомиланд, ки дарачаи пасти даромад ва карзи зиёди беруна дошта, он бо дастгирии чор сарпараст (БРО, БААР, ХБА ва БЧ) ва гурухи донорхо ва кредиторхои дучониба дастгири карда мешавад.

## 4.1 Хазинаи байналмилалии асъор (ХБА)

ХБА бо Точикистон аз майи соли 1996 хамкори менамояд. Аз соли 1998 хукумати Точикистон барномаи ислохоти иктисодиро дар асоси муохидаи сесола дар чахорчубаи механизми мубориза бо камбизоати ва таъмини рушди иктисоди (100,3 млн. ХМИ) амали мегардонад. Тавассути ММКТР дар мачмуъ 78,3 млн. ХМИ чудо карда шуда буд, вале ин чараён аз сабаби суст шудани ислохот дар сохаи сохтор декабри соли 2001 вайрон карда шуд. Сарфи назар аз ин, хукумат ба таври каноатбахш барномаи

мониторинги штатиро (БМШ) ичро намуд, ки он нимаи аввали соли 2002-ро дар бар мегирифт. Дар давоми як катор машваратхо аз руи моддаи IV ХБА ба пешрафти босуръати иктисоди дар Точикистон бахои мусби дода, аз дар дарачаи баланди сатхи бекурбшави ва проблемахо дар сохаи ислохоти сохтори изхори нигарони намуд. Мохи декабри соли 2002 ХБА ММКТР-и навро ба маблаги 65 млн. ХМИ (87 млн. долл. ИМА) барои се соли оянда тасдик намуд. Ин барнома дар чараёни татбикшави карор дошта, шархи нахустини натичахои он аз руи тахминхо мохи июли соли 2003 хотима меёбад. БААР бо ХБМ аз руи масъалахои макроиктисоди робитаи зич мукаррар кардааст.

## 4.2 Гурухи Бонки чахони

Точикистон соли 1993 узви БЧАР ва АБР ва соли 1994 аъзои КБМ гардид. То алхол кумак аз тарафи БЧ дар мубориза бо камбизоати, пешниходи машваратхо дар масоили сиёси, сохтмони ташкили, маблаггузори ба талаботи баъдичанги тавассути лоихахои баркарорсози ва чихозони, инчунин сафарбар кардани захирахо тачассум меёфт. Ба манфиати табакахои кашшоктарини ахолии дехот, ахамияти махсус ба таъсиси механизмхои додани воситахои истехсолоти махсулоти кишоварзи аз давлат ба ашхоси хукуки, тахкими хавасмандгардони ва маблаггузори ба инфраструктураи дехот дода мешавад. Ин амал бо инвеститсияхо ба системаи тандурусти ва маориф, инчунин сохаи ичтимои пурра гардонда мешавад. Дар холати мохи сентябри соли 2002 АБР барои 20 амалиёт 302 млн. долл. ИМА чудо намуд, ки аз онхо 45,5 млн. долл. ИМА аз худ карда шудааст. 11 амалиёт ба маблаги 151,1 млн. долл. ИМА дар чараёни ичроиш карор доранд. Нисбати карз барои азнавсозии сохтори (КСК II) хукумат натавонист, ки ду шарти мухимро ичро намояд ва чудо кардани навбати дуюми маблаг бинобар ичро нашудани шартхои зерин ба таъхир афтод: анчом додани аудити КАТ тибки СБХМ ва тахияи накшаи нави хусусигардонии корхона. Айни хол хукумат барои ичрои ин шартхо кор бурда истодааст. БААР ба омодасозии КСК II кумак расонида истодааст, аз чумла дар сохахои телекоммуникатсия ва наклиёти хавои.

То айни замон КБМ амалиёти зеринро маблаггузори кардааст: а) амалиёти калонро дар бобати истихрочи тилло (Зарафшон/Нелсон), ки аз ин амалиёт баъди якчанд ноомади хорич шуд, б) ду амалиёти тичорати (магозаи калони хуроквори ва лоихаи коркарди мармар ва хоросанг), в) ширкати аудитии Точикистону Италия ва г) маблаггузори ба сармояи ТСБ (аз он КБМ дар як вакт бо БААР баромад). Дар асоси хамкории БААР бо КБМ маблаггузори ба сармояи ТСБ анчом дода шуд, омодасозии лоихаи КХХ маблаггузори карда шуда, бо хукумат дар масъалаи КАТ муколамаи сиёси идома дорад.

Ба кариби стратегияи нави БЧ дар масъалахои кумак ба кишвархо (СКК) (80 млн. долл. ИМА барои солхои 2003-2005) кабул гардид, ки дар

он се вазифаи асоси мукарар карда шудааст: таҳкими кумак ба аҳолии махалли, инкишофи фаъолияти соҳибкории хусуси ва таҳкими институтҳои иктисоди бозори.

### 4.3 Бонки рушди Осиё

Моҳи апрели соли 1998 Точикистон узви Бонки рушди Осиё (БРО) гардид ва то ба имруз БРО лоиҳаҳоро ба маблаги умумии 172,9 млн. долл. ИМА маблаггузори кард. Соли 1998 БРО лоиҳаи аввалини вобаста ба кредит барои барномаи инкишофи баъдичангии инфраструктураро (20 млн. долл. ИМА) ба максади дастгирии ислоҳот дар соҳаҳои наклиёт ва энергетика тасдик намуд. Соли 1999 БРО ду лоиҳа – лоиҳаи баркарорсозии соҳаи ичтимои (20 млн. долл. ИМА) ва лоиҳаи фавкуллодаи бартарафсозии окибатҳои обхезиро (5 млн. долл. ИМА) маъкул донист. Соли 2002 боз се лоиҳаи дигар ба маблаги умумии 57,6 млн. долл. ИМА – лоиҳаи азнавсозии роҳҳои автомобилгард, лоиҳаи азнавсози дар соҳаи истеҳсоли неруи барк ва лоиҳаи таъмири бетаъхири системаи обёрикунии Ёвон тасдик шуданд. Соли 2002 БРО чор лоиҳаро тасдик намуд (ба маблаги умумии 70,3 млн. долл. ИМА) – лоиҳаи корҳои тармиму таъмири, барномаи дастгирии инкишофи тичорати минтакави ва ҳамкории гумруки, баркарорсозии кишоварзи ва чиҳозонии шабакаи минтакавии интиколи барк. Дар стратегия ва барномаи охирини БРО барои Точикистон (барои солҳои 2003-2005) ҳар сол чудо кардани 40 млн. долл. ИМА барои кумак ба соҳаи тараккиёти ичтимои, энергетика, кишоварзи, идоракуни ва инфраструктура пешбини шудааст. Тавре ки каблан зикр шуда буд (ҳамкории минтакави), БААР алҳол якчоя бо БРО лоиҳаи маблаггузории муштараки системаи минтакавии интиколи баркро кор карда баромада истодааст.

### 4.4. Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид

Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид (БРСММ) дар Точикистон аз соли 1994 дар се соҳаи васеъ фаъолият мекунад – чори кардани меъёрҳои софдилонаи идоракуни ва барпо кардани имконоти институтсионали дар микёси милли, баркарорсози, азнавсози ва инкишоф, инчунин ҳифз ва истифодаи окилонаи захираҳои табии. Гайр аз ин, БРСММ барои ба даст овардани максади рушд дар пойгаҳи ҳазорсолаи нав кушиш намуда, ба ин соҳаҳо, аз чумла шаклҳои демократии идоракуни, рафъи камбизоати, пешгирии бухронҳо, энергетика ва эколгия, ТИК ва НМБИ диккати асоси медиҳад.

### 4.5 Созмони рушди Ого Хон

Созмони рушди Ого Хон (СРОХ) дар Точикистон аз соли 1992 фаъолият дорад ва зиёда аз 150 млн. долл. ИМА-ро барои барномаҳои гуногун чалб намуд, ки онҳо аз чониби худи Созмон, ташкилотҳои “Имомати Исмоилиён” ва “Чамъияти исмоили” дар тамоми чаҳон, инчунин аз воситаҳои шарикони донораш маблаггузори мешаванд. Дар

ибтидо он ба халли проблемахои марбут ба мубориза бо маводи мухаддир ва расонидани ёрии башардустона машгул буд. Имруз фаъолияти он ба ислохоти сохаи кишоварзи, тандурусти, маориф, баланд бардоштани сатхи инфраструктура ва масоили фарханги пахн мегардад. Гайр аз ин, СРОХ ба маблаггузори ба сектори молияви, аз чумла карздихи ба корхонахои хеле хурд шуруъ намуд ва дар ин чода БААР масъалаи дурнамои ба рох мондани хамкориро бо он мавриди барраси карор медихад.

**Замимахо**

- Замимаи 1 – Баходихии сиёси
- Замимаи 2 – Мухити атроф
- Замимаи 3 – Ислохоти системаи хукуки
- Замимаи 4 – Интихоби нишондихандахои иктисоди
- Замимаи 5 – Амалиётхои ба имзорасидаи БААР
- Замимаи 6 – Кумаки дучониба
- Замимаи 7 – Кумак бо рохи ХТ

## Замимаи 1 - Баходихии сиёси

Дар давоми ду соли баъди кабули стратегияи охирин барои Точикистон дар августи соли 2001, кишвар ба пешрафти муайян дар татбики принсипхои дар моддаи 1 Созишнома дар бораи таъсиси БААР пешбинишуда ноил гашт.

Баъди чанги чандинсолаи харобиовари шахрванди (солхои 1992-1997) хаёти сиёсии Точикистон ба субот ва эътидол омад. Дар кишвар шаш хизби сиёси, аз чумла мухолифин, як катор чунбишхои сиёси ва шабакаи ривочёфтаистодаи созмонхои гайрихукумати амал менамоянд. Точикистон байни кишвархои ИДМ ягона кишварест, ки дар он хизби амалкунандаи исломи (Хизби нахзати ислом) вучуд дошта, он дар макомоти конунгузории кишвар намояндаги дорад. Тачрибаи Точикистон дар хотима додан ба чанги шахрванди, ба даст овардани вахдати милли и шомил гардидани сохторхои мухолифин ба хукумат аз тарафи умум эътироф гардидааст. Барои амали гардондани ислохоти минбаъдаи иктисоди ва сиёси тахкими натичахои ба даст омада хеле мухим аст.

Нуктахои асосии созишномаи сулхи миёни хукумат ва иттиходи мухолифини точик (ИМТ), ки июни соли 1997 баста шуда буд, ичро шуданд. Мархилахои мухимтарини ин чараён гузаронидани раъйпурсии конститутсиони, интихоботи президенти ва парламенти дар солхои 1999 ва 2000 ва ташкили хукумати коалитсиони гаштанд. Соли 2002 хукумат визахои хатмии хуручро бекор намуд, системаи ичрои чазоро аз ваколати ВКД баровардa ба зиммаи Вазорати адлия дод ва комиссияи хукуматиро дар бобати ичрои ухдадорихои байналхалки дар сохаи хукуки инсон ташкил кард. Дастовардхои нерухои коалитсиони дар Афгонистони хамсоя сарчашмаи тахдиди берунаро кам ва эхтимол тамоман бартараф карда бошанд.

Сарфи назар аз ин дастовардхои мусби, проблемаю мушкилоти зиёде хануз халли худро наёфтаанд. Дароз кардани мухлати ваколати президент, ки дар натичаи раъйпурсии милли, ки 22 июни соли 2003 суратгирифта тасдик гашт, боиси ташвиш гардид. Точикистон чумњурии аз хама камбизоати Иттиходи Шурави буд ва яке аз кишвархои камбизоати минтака боки мемонад. Васеъ пахн гаштани камбизоати, сатхи баланди бекори, сатхи пасти музди мехнат дар якчояги бо сустии системаи суди ва транзити хачми зиёди маводи мухаддир барои ришвахури ва тахдиди пайдо шудани шароит барои экстремизм мусоидат менамоянд. Бинобар ин, рафъи камбизоати афзалияти мухимтарини кишвар гардид.

**Интихобот ва раъйпурсии конститутсиони**

Тибки конститутсияи соли 1994 системаи тачзияи хокимияти конунгузори, ичроия ва суди барпо карда шудааст. Мохи сентябри соли 1999 ба конститутсия тагйирот ворид карда шуд, ки дар асоси он мухлати хафтсолаи ваколати президент мукаррар карда шуда, парламенти дупалатаги (Мачлиси Оли), ки аз Мачлиси милли ё палатаи болои ва Мачлиси намояндагон ё палатаи поёни иборат аст, таъсис дода шуд.

Хизби халки-демократии президенти дорои аксарияти овозхо дар палатаи болои мебошад, ки аз 33 депутати он хашт нафар бевосита аз тарафи сарвари давлат таъин карда мешаванд. Дар палатаи поёни аз 63 узви парламент хашт нафар хизби коммунистиро намояндаги мекунанд ва ду нафар аъзои хизби нахзати исломи мебошанд. Интихоботи охирини парламенти се сол кабл – феврал-марти соли 2000 доир гашт, ки он дар таърихи Точикистон нахустин интихоботи бисёрхизби буд. Тавре, ки САХА кайд намуд, гарчи интихобот ба меъёрхои байналмилали чавобгу набошад хам, вале он кадаме ба пеш гардид, зеро ки дар он собик тарафхои ба хам зид ширкат варзиданд.

САХА ба интихоботи ноябрии президенти назорат набурд, зеро аз руи акидаи он натичаи он пешаки аён буд. Дар натичаи ин интихобот Эмомали Рахмонов, ки бори аввал соли 1994 ба мухлати панч сол интихоб гашта буд, барои мухлати нави хафтсола, яъне то соли 2006 бе хукуки аз нав интихоб шудан, интихоб гардид.

Сарфи назар аз ин, парламент таклиф намуд, ки ба конститутсия барои бартараф сохтани ин махдудкунии мухлати ваколати президент тагйирот ворид карда шавад. Мувофики натичахои раъйпурсии конститутсиони, ки 22 июни соли 2003 доир гашт, ин масъала баробари тагйиротхои дигар ба конуни асосии кишвар хал гардид. Намояндагони чомеаи шахрвандии Точикистон бо ташвиш кайд намуда буданд, ки хангоми омодаги ба раъйпурси бо онхо машваратхои лозима гузаронида нашуданд. Хизбхои мухолиф чи нисбати мухлати раъйпурси ва чи нисбати тагйирот дар бобати дигар кардани мухлати ваколати президент эътироз намуданд. Онхо кайд карданд, ки ин барои президенти амалкунанда имкон медихад, ки то соли 2020, яъне боз дар давоми 14 соли дигар (ду мухлати хафтсола) баъди анчоми ваколатхои кунуниаш дар соли 2006, дар сари хокимият монад. Аз тарафи мушохидони байналхалки инчунин кайд шуда буд, ки дар рузи гузаронидани раъйпурси ба шахрвандони Точикистон пешниход шуда буд, ки ба микдори зиёди саволхое, ки проблемахои чиддии конститутсиониро дар бар мегирифтанд, як чавоб “ха-не” дода шавад. Аз руи натичахои расми, 22 июн ба участкахои интихоботи 96% интихобкунандагон хозир шуданд ва 93% ба чонибдории 56 тагйирот ба конститутсия овоз доданд. САХА мушохидони худро ба раъйпурси нафиристода буд ва аз ин ру он ба чараёни овоздихи бахо надод, вале ду

намояндагии САХА (маркази САХА дар Душанбе ва намояндагии САХА оид ба институтхои демократи ва хукуки инсон) кайд карданд, ки иштироки гайриоддии 96% интихобкунандагон аник будани натичахои чамъбасти раъйпурсиро зери шубха мемонад. Аз дигар тараф, САХА ба фазои ороме, ки дар он раъйпурси доир гашт, бахои мусби дод.

**Холати риояи конуният ва хукуки инсон**

Нишондихандахои умумии Точикистон дар сохаи риояи хукуки инсон новобаста аз баъзе тагйиротхои мусбие, ки ду соли охир ба назар мерасанд, чун пештара дар дарачаи паст карор доранд. Аз гуфтахои мушохидони мустакили созмонхои химояи хукук бармеояд, ки дар кишвар хануз хам махдудиятхо ба озодии сухан, чамъомад ва васоити ахбори омма чой доранд. Рузноманигорони мустакил дучори таъкиб ва маводи онхо дучори сензура гаштанд.

Соли гузашта хокимият махдудиятро ба озодии сухан суст намуда, ба се стансияи радиошунавонии мустакил дар пойтахти Точикистон ичозат доданд. Соли 2002 хукумат Комиссия дар бобати ичрои ухдадорихои байналхалки дар сохаи хукуки инсонро тахти сарварии муовини сарвазир созмон дод. Ба Комиссия супориш дода шуд, ки фаъолияти макомоти гуногуни давлатиро  дар ин соха хамоханг созад. Аз он давра шаш гурухи кори ташкил шуданд, ки вазифаи асосии онхо иборат аст аз тахияи маърузахо дар бораи аз чониби Точикистон ичро гардидани ухдадорихои байналхалкии он.

Дар сохаи хукуки мехнаткашон иттилоъ дар бобати чой доштани ягон хел проблемаи чидди маълум нашуд. Конститутсия ва конунхои кишвар базаи асосии хукукии таъминкунандаи озодии чамъомадхо, манъи мехнати мачбури, мехнати кудакон ва рох надодан ба табъиз дар сохаи бо кор таъминкуни ва интихоби касбро ташкил мекунанд.  Дар бобати мавридхои мехнати мачбури ва риоя накардани синну соли минималии мукараршуда барои киро ба кор иттилоот мавчуд аст. Точикистон конвенсияхои асосии СБМ-ро, ки ба ташкили базаи меъёри дар сохаи хукуки мехнаткашон бахшида шудаанд, тасдик кардааст.

Аз тарики маркази худ дар Душанбе САХА дар кишвар фаъолона амал мекунад. Ба доираи фаъолияти он чунин масъалахо, ба мисли дастгирии чараёни вахдати милли, чорахои тахкими демократия ва химояи хукуки инсон мансубанд. Алхол мандати он васеъ гардонда шуда, он инчунин ба проблемахои иктисоди ва хифзи мухити зист, расонидани кумак ба хукумат дар пурзур кардани речаи сархади машгул аст. САХА ба хукумат оид ба бархе аз конунхои мухимтарин, аз чумла конунхо дар бораи интихобот, эътикоди дини ва васоити ахбори умум машварат медихад. САХА дар бобати чалби созмонхои гуногун ба халли масоили

мухими аз минахо тоза кардани сархадот ва дигар минтакахои Точикистон накши сафарбаркунанда бозид.

**Робитахои беруни**

Наздики Афгонистон, ки Точикистон бо он сархади тулони дорад, омили мухими берунии кишвар буд ва боки мемонад. Дастовардхои нерухои коалитсиони дар гузаронидани амалиёти зиддитеррористи дар Афгонистон ба паст шудани хатари "воридоти" ноэътидоли ва хуручхои мусаллахона аз каламрави Афгонистон оварданд. Баробари ин, иттилоот дар бораи идомаи фаъолияти бокимондахои толибон, Ал-Коида ва Чунбиши исломии Узбекистон (ЧИУ) чун пештара боиси ташвиши Точикистон ва хамсоягони он мебошад.

Гайр аз ин, Афгонистон яке аз сарчашмахои калонтарини гардиши маводи мухаддир мебошад, ки он аз тарики Точикистон ба дигар кишвархои Осиёи Маркази интикол мешавад. Гуруххои калони маводи мухаддир чун пештара аз сархади Точикистону Афгонистон сарфи назар аз чорахои аз тарафи хукумати Точикистон бо хамкори бо муассисахои махсусгардондашудаи СММ ва марзбонони Русия андешидашуда, интикол мегарданд. Ин хамкори имкон дод, ки вактхои охир хар чи бештар пеши рохи кушиши интиколи маводи мухаддир гирифта мешавад.

Точикистон хамкорихои зичи анъанавии худро бо Русия идома медихад. Хамчун узви ИДМ вай инчунин дар Ахдномаи амнияти дастачамъии ИДМ фаъолона ширкат меварзад. Апрели соли 2003 дар чараёни сафари президенти Русия ба Душанбе дар бораи таъсиси пойгохи харбии Русия дар Точикистон эълон карда шуд. Айни замон дар бобати таъсиси Созмони амнияти дастачамъии ИДМ бо иштироки Русия, Беларус, Арманистон, Казокистон, Чумњурии Киргизистон ва Точикистон карори мухим кабул гардид. Раиси Шурои амнияти дастачамъии ИДМ ба мухлати як сол президенти Точикистон интихоб гардид.

Сарфи назар аз он, ки алхол Точикистон неруи баркро аз Узбекистони хамсоя ворид менамояд, кишвар дорои захирахои бои гидроэнергетики мебошад ва метавонад неруи баркро содир намояд. Ин он нуктаро таъкид менамояд, ки то чи андоза барои Точикистон ба рох мондани хамкории самараноки минтакави ба максади васеътар гардондани имконот барои тичорат ва инвеститсияхо зарур аст. Точикистон дар чунин иттиходияхои минтакави, ба мисли Иттиходи иктисодии Аврупою Осиё якчоя бо Русия, Белорус, Казокистон ва Чумњурии Киргизистон ва Созмони хамкорихои Осиёи Маркази, ки ба он хамаи кишвархои Осиёи Маркази гайр аз Туркманистон шомиланд, фаъолона ширкат меварзад.

**Замимаи 2 - Мухити атроф**

Точикистон дар Осиёи Маркази кишвари нодири дорои захирахои бои об, киштзорхо ва минтакахои кухи, инчунин як катор намудхои камёфти набототу хайвонот мебошад. Дарёхои кишвар ду системаи дар Осиёи Маркази калонтарини дарёхо – Амударё ва Сирдарёро ташкил мекунанд, ки онхо ба бахри Арал мерезанд. Дарёхо обёрикунии кариб 80% киштзорхоро таъмин намуда, ба Точикистон имкон медиханд, ки истехсоли пахта ва неруи баркии обиро барои истехсоли алюминий ба рох монад. Барои обёри кариб 90% хачми тамоми оби тозаи дар кишвар истеъмолшаванда равона карда мешавад, вале хачми солонаи истеъмоли об ва хачми киштзорхои обёришаванда ба хар сари ахоли дар Точикистон нисбат ба дигар кишвархои Осиёи Маркази камтар аст.

Истифодаи бесамара ва интенсивии пеститсидхо ва нурихо дар минтакахои асосии пахтакори кишвар ба ифлосшавии замин, обхои зеризамини ва руизамини дар баъзе манотик оварда расонид. Якчоя бо дигар донорхо Хазинаи чахонии экологи (ХЧЭ) барномаи баркарорсозии хавзаи бахри Аралро барои халли проблемахои асосии истифода ва истихрочи аз хад зиёди обхои байналмилали дар хавзаи бахри Арал (Узбекистон, Казокистон, Точикистон, Туркманистон ва Чумњурии Киргизистон) тахия намуд.

Дар Точикистон барномаи давлатии экологии истифодаи захирахои табии (замин, об, хаво, гуногунии биологи) ва тандурусти (то соли 2010) амали гардонда мешавад. Ба чумлаи конунхои дар сохаи мухити атроф дар соли 2001 кабулшуда конун дар бораи истифодаи замин ва кодекси об, инчунин конунхо дар бораи экспертизаи давлатии экологи, дар бораи партовхои истехсолот ва истеъмолот мансубанд. Соли 2002 ба конун дар бораи хифзи мухити атроф аз соли 1996 тагйиротхо ворид карда шуданд. БЧ ба хукумати Точикистон барои коркарди барномаи миллии чорахои хифзи мухити табиат (БМЧХМТ) кумак мерасонад, вале молиякунии ин ташаббус алхол тасдик нашудааст. Дар чахорчубаи стратегияи БЧ барои Точикистон расонидани кумаки техники дар ин соха дар соли 2004 ба накша гирифта шудааст.

Ба катори проблемахои чиддии экологии Точикистон эрозияи замин, бад шудани холати замин аз сабаби обёрикуни, нобуд шудани чангалзорхо, хисороти экологи дар натичаи истехсоли алюминий, истифодаи бесамараи захирахои об ва офатхои табии (масалан, обхезихо, хушксолихо, селхо) мансубанд. Дар сохаи тандурусти проблемаи аз хама чидди дар кишвар, норасоии оби тозаи нушоки ба шумор меравад. Окибатхои эклогии татбики лоихахои калонмикёс дар сохаи саноати истихрочи маъданхои кухи ва чубтайёркуни дар давраи шурави дар якчояги бо окибатхои обёрикуни (баланд шудани намноки дар таркиби хок ва намакдоршави) ба бад шудани сифат ва ифлосшавии мухити атроф

оварда расонданд. Гайр аз ин, дар натичаи нобудшавии чангалзорхо мухити зисти намудхои нодир ва зери хатари нобудшави карордоштаи хайвонот, ба мисли паланги кухи, махдуд гашт. Аз руи маълумотхои Иттиходи байналмилалии хифзи табиат ва захирахои табии (ИБХТЗТ) дар Точикистон шумораи намудхои хайвоноте, ки дар зери хатари нобудшави карор доранд, дар давраи аз соли 1995 то соли 2000 кариб ду маротиба зиёд шуд.

Хукумати Точикистон як катор конвенсияхои байналмилалиро дар сохаи мухити атроф, минчумла Конвенсия дар бораи гуногунии биологи, Конвенсияи Рамсар дар бораи хифзи заминхои ботлокзоршуда (94 600 га заминхое, ки нисбати онхо амали Конвенсияи Рамсар пахн мегардад), Конвенсияи СММ дар бораи ивазшавии иклим, Конвенсияи ЮНЕСКО дар бораи мероси умумичахони ва Конвенсияи СММ дар бораи мубориза бо биёбоншавиро ба имзо расонида тасдик намудааст. Ёддошти тафохум ба Конвенсия дар бораи нигахдории намудхои мухочираткунандаи хайвонот нисбати хифз ва баркарорсозии саршумори охуи бухорои ба имзо расид. Соли 2002 як катор семинархо дар бобати коркарди стратегияи милли ва барномаи амали дар асоси Конвенсия дар бораи гуногунии биологи доир карда шуданд. Хамчунин лоихаи барномаи милли тибки Конвенсия дар бораи ивазшавии иклим омода карда шуд.

Яке аз проблемахои мухимтарини Точикистон биёбоншави мебошад ва соли 2001 баъди се соли хушксоли хукумат барномаи миллии чорахои мубориза бо биёбоншавиро (БМЧХТ) кабул кард. БМЧХТ бо кумаки БРСММ, ЮНЕСКО, Котиботи Конвенсия ва донорхо (Швейтсария ва Финляндия) тахия гардида, он стратегияи хамохангшудаи чорабинихои илмию техники, ба мисли ичрои корхои стратегии харитасози дар бобати биёбоншави ва муайян кардани афзалиятхоро дар бар мегирад. БМЧХТ дар яке аз форумхо ва дар васоити ахбори умум ба забонхои точики, англиси ва руси интишор гардид. Дар тахияи БМЧХТ намояндагони чамъият ва созмонхои гайрихукумати ширкат варзиданд. Дар чабхахои гуногуни татбики БМЧХТ шумораи зиёди вазоратхо чалб карда шудаанд, вале масъулияти умуми барои ичрои барнома ба зиммаи Кумитаи давлатии замин ва Вазорати хифзи табиат вогузор карда шудааст.

Хушксоли дар минтака ба норасоии озукавори ва эрозия ва нобудшавии хок оварда расонид. Бинобар норасоии неруи барк ахоли ба буридани чангал фаъолона машгул аст, ки ин боиси вусъат гирифтани чараёни биёбоншави мегардад. Барномахои нави маълумотии хифзи мухити табиат ва тайёркунии кадрхо (солхои 2000-2010)  барои шиносоии чукур бо проблемаи биёбоншави дар сатхи макомоти давлати ва доирахои васеи чамъият татбик шуда истодаанд. Метавон умедвор шуд, ки ин чорахо барои халли проблемахои вобаста ба хушксоли дар чумњури мусоидат менамоянд.

Точикистон барои татбики барномаи хифзи экосистемахои кухи, ки чузъи накшаи минтакавии чорабинихои хифзи мухити табиат дар минтакаи Осиёи Маркази (НМЧХТ)  то соли 2012 ва даврахои минбаъда мебошад ва он аз чониби Бонки рушди Осиё маблаггузори карда мешавад, масъул мебошад.

Дар Точикистон як катор СГХ фаъолият мекунанд, ки ба проблемахои хифзи табиат (соли 2002 кариб 40 адад) машгуланд. Аломатхои возехи он чой доранд, ки СГХ-хо торафт фаъолтар шуда, хатто баъзеи онхо бевосита дар коркарди БМЧХТ ва татбики НМЧХТ ширкат варзидаанд.

Соли 2001 Точикистон Конвенсияи Орхусро дар бораи дастрасии чамъият ба иттилооти вобаста ба хифзи мухити табиат, иштироки чамъият ва дастрас будани суд хангоми кабули карорхои марбут ба хифзи табиат ба имзо расонида тасдик намуд.

Точикистон хамчун кишвари камбизоаттарини ИДМ, мачбур аст, ки масоили экологи ва тандурустиро дар якчояги бо чорахои бехдошти шароити иктисодии хаёти мардум хал намояд. Точикистон  мустакилона кодир нест, ки аксари ухдадорихояшро мутобики конвенсияхо ва накшахои худро амали гардонад ва аз ин ру он бо муассисахо ва созмонхои байналмилали хамкори менамояд. Дар ояндаи наздик он метавонад ба кумаки калон барои бехдошти вазъ дар соахи истифодаи окилонаи мухити атроф ва риояи талаботхои хифзи табиат ниёз дошта бошад.

## Замимаи 3 - Ислохоти системаи хукуки

## БАХОДИИ КИЁСИИ ХУКУКИ ХОЧАГИИ ТОЧИКИСТОН

### 1. Тахлили хронологи

Доираи пахшави ва самаранокии татбики хукуки хочагии Точикистон[16]




*Сарчашма.* Департаменти хукукии БААР, тахлили нишондихандахои хукуки дар солхои 1997-2002.

**Эзох.* Нишондихандахо аз руи мехвари "у" аз 1 (пешравии ночиз) то 4+ (пешравии назаррас) бахо дода мешаванд. Маълумот нисбати солхои 1997 ва 1999 мавчуд нест.

Тавре ки аз накшаи дар боло овардашуда бармеояд, пешрави дар баходихии системаи хукуки дар мачмуъ чой надорад, ки ин эхтимол ба проблемаю мушкилоти ба шуури мардум талкин кардани эхтироми

16 БААР тахкики харсолаи хулосавии нишондихандахои хукукиро барои муайян кардани натичахои ислохоти хукуки аз руи баходихии хукукшиносони махалли дар Аврупои Маркази ва Шарки, кишвархои Балтия ва Иттиходи Давлатхои Мустакил мегузаронад. Натичахои чунин тахлил ба чавобхо ба саволномахое, ки ба хукукшиносони дар ин ё он соха коркунанда фиристода мешаванд, асос меёбад. Дар тахлил акидахои онхо нисбати системаи хукуки дар кишвар, аз чумла дар кадом дарача карор доштани мутобикати конунхои асосии хочаги ва молияви ба меъёрхои эътирофшудаи байналмилали ва дар кадом сатх ин конунхо татбик ва ичро мегарданд (самаранокии татбик), тачассум меёбад. Ин тахкик танхо ба он асос меёбад, ки чи тавр хукукшиносони махали ба конунгузории кишвари худ бахо медиханд ва он назари худи БААР-ро ба ин системахои хукуки инъикос наменамояд. Гайр аз ин, бояд ба эътибор гирифт, ки ба хар як посухдиханда пешниход мешавад, ки ба саволнома танхо нисбати кишвари худ посух дихад ва ба мукоисаи системахои гуногун рох надихад.

лозимаи конун алокаманд бошад. Натичахои тахлили хулосави зарурати зохир кардани тавaччухи махсусро ба ин масъалахо ва зиёдтар чудо кардани захирахоро ба барпо кардани институтхои самарнок бо максади татбик ва мукаммалсозии конунгузории чории хочаги такозо мекунанд.

## II. Вазъият дар дигар кишвархои дорои иктисоди мархилаи гузариш

Тавре ки тахкики нишондихандахои хукукии дар соли 2002 анчомдодаи БААР нишон медихад, конунхои хочагии Точикистон чун "озурдакунандаи" фаъолияти инвеститсиони ва тичорати бахо дода мешаванд. Дар мукоиса бо дигар кишвархои Осиёи Маркази ин натичахо аз хар чихат дар минтака бадтарин мебошанд. Албатта, дар хулосабарори ба сахлангори рох додан чоиз нест, вале аз нуктаи назари амали тачрибаи худи БААР ва мушохидахои он аз хусусиятхои сифатии конунхо дар минтака нишон медихад, ки акидахои хукукшиносони махалли чолиби диккат аст.

**Баходихии системаи хукуки**

### 1. Муфлисшави

Бахшхои асосии конунгузори дар бораи муфлисшавиро конун дар бораи муфлисшави аз соли 1993 бо тагйиротхо аз солхои 1996, 1997 ва 1998, кодекси граждани ва кодекси мурофиаи хочагии Точикистон ташкил мекунанд.

Конун дар бораи муфлисшави нисбати хамаи корхонахо новобаста аз шакли молиякият татбик мешавад. Он на дар хама маврид бархамдихии мачбурии корхонаро дар сурати муфлисии он пешбини мекунад. Дар конун дар бораи муфлисшави имконоти кумакрасони ба корхона ва санатсияи он, инчунин тартиби азнавсозии он, мисли чори кардани ба истилох идоракунии берунаи амволи карздор ё азнавташкилдихи мукаррар шудаанд.

Идоракунии берунаи амволи карздор маънии додани салохияти идоракуниро аз корхонаи карздор ба идоракунандае, ки аз чониби суди хочаги таъин шудааст, дорад. Барои баркарор кардани кобилияти пардохтии корхона ва таъмини фаъолияти минбаъдаи он, идоракунандаи беруна тибки накшаи тасдиккардаи кредиторхо чоранадеши (масалан, фондхоро мефурушад ва г.) мекунад.

Азнавташкилдихи расонидани кумаки молиявиро ба корхонаи карздор аз чониби сохиби он ё кредиторон дар назар дорад. Гузаронидани азнавташкилдихи аз чониби суди хочаги дар асоси дархости пешниходшуда огоз карда мешавад. Хангоми сурат гирифтани ин чараён тарафхо метавонанд ба созиш оянд. Гайр аз ин, чорахои гайрисуди низ дар

мавриде, ки агар карздор музокирот бурда тавонад ва агар корхона ё фаъолияи худро идома дихад ё ихтиёран дар зери назорати кредиторон бархам хурад, чой дошта метавонанд.

Айни замон лоихаи нави конун дар бораи муфлисшави омода шуда истодааст, ки он ба таъмини мутобикати конунгузории кишвар ба талаботи замон ва кодекси нави граждании он нигаронида шудааст.

**2. Бозори сармоя**

Конуни асосие, ки бозори сармояро ба танзим медарорад, конун дар бораи когазхои кимматнок ва биржаи фонди мебошад, ки мохи майи соли 1992 нашр шуда, ба он соли 1998 тагйирот ворид карда шудааст. Конун принсипхои асосии эмиссия ва гардиши когазхои кимматнокро мукаррар намуда, инчунин фаъолияти иштирокчиёни гуногуни бозорро ба танзим медарорад. Хамчунин низомнома дар бораи фондхои инвеститсиони, ки хукумат соли 1997 тасдик кардаст, мавчуд мебошад. Баробари ин, новобаста аз ин кушишхо дар сохаи конунгузори, бозори сармоя дар Точикистон хануз хам дар холати ибтидои карор дорад ва ислохоти амали дар ин соха бошад, кариб ки чой надорад. Пешбурди ислохоти бонки масъалаи афзалиятноке мебошад, ки ба он хукумат диккати асоси медихад.

**3. Консессияхо**

Дар моддаи 35(1) конун дар бораи инвеститсияхои хоричи мукаррар шудааст, ки инвесторони хоричи ва корхонахое, ки инвеститсияхои хоричи гирифтаанд, метавонанд аз консессияхо барои иктишофи захирахои табиии ва фаъолияти дигари хочаги истифода баранд. Консессияхо ба воситаи конун дар бораи консессия аз соли 1997 ба танзим дароварда мешаванд. Он танхо нисбати инвесторони хоричи татбик карда мешавад ва инвесторони махалли берун аз амали он карор доранд. Муносибатхои консессиони бо шартномахои миёни инвесторони хоричи ва макомоти давлати ба танзим андохта мешаванд.

Тибки конун дар бораи консессияхо шартномаи консессия чун коида барои 50 сол баста мешавад, гарчи ин мухлат метавонад то 99 сол тамдид карда шавад. Конун дар бораи консессияхо консессияро чун шартномае муайян менамояд, ки тибки он инвесторони хоричи хукуки истифодаи муваккатии як катор фонду активхоро, ба мисли захирахои минерали, неруи барк, объектхои саноати пахта ва сохтмон, захирахои об, фазои хавои, олами набототу хайвонот, инчунин дигар захирахои табии ба даст меоранд.

Консессионерхо аз руи натичахои фуруши озмуни ва музоядахо интихоб карда мешаванд, гарчанде ки дар мавридхои алохида консессия метавонад дар натичаи музокироти бевосита миёни макомоти кишвар ва инвестори хоричи дода шавад. Консессионер ухдадор аст, ки барои ба кайдгирии шартномаи консессия боч супорад. Дар сурати пайдо шудани

бахс миёни консессионер ва макомоте, ки консессия додааст, салохияти судхои хочагии Точикистон татбик мегардад, агар шартномахои байналмилали шакли дигари халли бахсхоро пешбини накарда бошанд.

Консессия хукуки истифодаи номахдуди амволи (активхои) давлатиро пешбини наменамояд. Гайр аз ин, Точикистон хукуки афзалиятноки аз консессионер харидани натичахои истехсолоти онро доро мебошад. Даромаде, ки аз консессия ба даст меояд, моликияти консессионер мегардад. Баробари ин, дар конун дар бораи консессияхо на имконияти баровардани (репатриатсияи) даромад ва ё манъи онро тибки конунгузории арзии кишвар аник муайян намекунад. Дар тафовут аз як катор кишвархои дигар конун дар бораи консессияхо ба истилох “мукаррарот дар бораи суботро” дар бар намегирад, ки тибки он эътибори шартномаи консессия дар сурати кабули конуни наве, ки коидахои нисбатан номусоидро дар тафовут аз коидахое, ки дар асоси онхо ин шартнома баста шуда буд, мукаррар намояд, идома меёбад.

## 4. Конун дар бораи ширкатхо ва идоракунии корпоративи

Конун дар бораи чамъиятхои саххоми соли 1991 кабул шуда, аз он вакт ба он як катор иловахо ворид шуданд. Тагйиротхои нихои соли 1998 дароварда шудаанд. Алхол дар Точикистон кодекси махсуси амалкунандаи идоракунии (рафтори) корпоративи вучуд надорад.

Тибки конун дар бораи чамъиятхои саххоми, чамъяити саххоми (ЧС) бояд дар макомоти дахлдори махаллии нотариали ба кайд гирифта шавад. Вазорати молия фехрасти давлатии бакайдгириро мебарад, ки дар он хамаи ширкатхои ба кайд гирифташуда ва бархамхурда сабт шудаанд. ЧС метавонад шакли кушод ва пушида дошта бошад, хамзамон ЧС шакли пушида метавонад на зиёда аз 50 сахмиядор дошта бошад. Хар як ЧС бояд фехрасти сахмияхоро доро бошад. Сахмиядори ЧСП хукук надорад сахмияхои худро бе розигии сахмдорони дигар аз худ сокит намояд.

ЧС бояд хар сол мачлиси солонаи сахмиядоронро доир намояд. Тибки конун дар бораи ЧС, мухлати байни ду мачлиси солонаи сахмиядорон набояд аз 15 мох зиёд бошад. Ба хар як сахмиядор бояд огохии хатти на дертар аз 30 руз то таърихи барпо шудани мачлис фиристода шавад. Сахмиядорони дорои на кам аз 10% сахмияхои ЧС, хукук доранд, ки даъвати мачлиси махсуси сахмиядоронро талаб намоянд. Шурои директорони (раёсати) ЧС дар мачлиси солонаи сахмиядорон интихоб карда мешавад. Шумораи директорон дар мачлиси солона муайян карда мешавад. Директор ба мухлати аз ду то панч сол бо хукуки номахдуди аз нав иштихобшави интихоб карда мешавад. ЧС инчунин бояд комиссияи ревизиони таъсис дихад, ки он дар мачлиси солонаи сахмиядорон интихоб карда мешавад.

Конун дар бораи ЧС базаи умумии меърии ба танзимандозандаи масъалахои ташкилшави, фаъолият ва бархамхурии ЧС-ро барпо менамояд, вале дар он аксари масъалахои мухими ба ЧС дахлдор, миноритарийхо ва инвесторони умуми нокифоя ва ё умуман нишон дода нашудаанд. Ба ин масъалахо хамчунин додани иттилооти саривакти, чорахои зидди муохидахо миёни сахмиядорон ва муохидахои ба мунокишаи манфиатхо дахлдошта мансубанд.

Дар мукоисаи  конунгузории чори бо принсипхои идоракунии корпоративии СХИР, Точикистон дар масъалахои идоракунии корпоративи агар аз натичахои баходихии вазъ дар бобати идоракунии корпоративи, ки БААР соли  2002 гузаронида буд ва он тахкик ва баходихии конунхо дар масъалаи идоракунии корпоративии дар хар як кишвари амалиёти БААР кабулшударо дар бар мегирифт, бахо дода шавад, дар байни дигар кишвархои амалиёти БААР дар макоми охирин карор дорад.

**5. Амалиёт бо таъмини гарав**

Хукукхои гарави ба молу мулки манкул ва гайриманкул кабл аз хама бо кодекси граждани (кисми 1) аз 30 июни соли 1999, ки аз 1 январи соли 2000 амал менамояд, ба танзим даровarda мешаванд. Гайр аз ин, хукукхои гарави ба молу мулки манкул ва гайриманкул инчунин бо конун дар бораи гарав аз 20 июни соли 1994 бо иловахо аз солхои 1995 ва 1998 танзим мегарданд. Азбаски мукаррароти кодекси граждани ва конун дар бораи гарав ба хамон як предмет дахл доранд, муайян кардани он, ки кадоме аз ин санадхои меъёри дар ин ё он холат татбик карда мешавад, хеле душвор аст.

Амволи гайриманкул (бинохо, иншоот) ва корхонахо (хамоне ки ба комплекси амвол мансубанд) предмети гарав шуда метавонанд. Гарави амволи манкул метавонад бо гузариши хукуки моликият аз карздор ва ё бе чунин гузариш татбик карда шавад. Баробари ин, системаи талабшавандаи интишори иттилоот дар бораи чунин шартномахо вучуд надорад.

Хукукхои гарави ба амволи гайриманкул, корхонахо, молхои дар гардиш ё коркард буда, воситахои наклиёт ва объектхои кайхони, инчунин амволи дигаре, ки бояд аз кайди давлати гузарад, бояд дар макомоти маъмурие, ки масъули ба хисобгирии чунин амвол аст, ба кайд гирифта шаванд. Гарчанде ки дар фармон дар бораи ба амал баровардани конун дар бораи гарав дар мухлати се мохи баъди нашри конун дар бораи гарав таъсис додани макомоти масъули бакайдгири пешбини шудааст, амалан чунин макомоти марказии бакайдгири созмон дода нашуд.

Гайр аз ин  тибки конунгузории Точикистон ширкат ва сохибкорони ба кайд гирифташуда бояд китоби сабти гаравхоро баранд. Азбаски чунин бакайдгири шарти хатмии хакконияти гарав намебошад ва барои набудани

китоб чазо дода намешавад, дар амалия китоби сабти гаравхо бурда намешавад. Аз ин ру кредиторон дар Точикистон наметавонанд дар бораи мавчудияти хукукхои гаравии амалкунандае, ки карзгирандаи эхтимоли додааст, иттилоъ пайдо кунанд ва агар онхо амволро ба гарав гиранд, дучори хатари ракобат бо дигар кредиторхо дар сурати ситондани предмети гарав мегарданд.

Меъёрхои хукуки (конун дар бораи гарав, кодекси граждани ва г.) як катор масъалахои дигари мухимро аз кабили навбати талаби кредиторони бо гарав таъминшуда дар доираи тартиби муфлисшави ё берун аз он, имконияти аз чониби тарафи сеюм беподош гирифтани хукуки моликият ба амволи ба гарав мондашуда дар доираи муносибатхои маъмули шартномави (бахусус нисбати молхои дар гардиш карордошта) ва тарзхои фуруши моликияти ба гарав мондашуда хеле норавшан тафсир медиханд. Меъёрхои ба наздики кабулшудаи кодекси граждани услуби умуман махдуди муносибатро ба амалиёти вобаста ба гарав тагйир намедиханд.

Соли 1996 БААР барои расонидани кумак ба Точикистон дар коркарди конун дар бораи гарав ба татбики лоихаи ислохоти хукуки шуруъ намуд. БААР таххики дакики конунгузории чориро ба максади муайян сохтани талабот ба ислохот, инчунин роххои кулайтарини амалигардонии он, анчом дод. Лоиха аз сабаби зохир нагардидани манфиатдории хукумати Точикистон  ба он катъ карда шуд. Дар якчояги бо дигар созмонхо (Агентии рушди Германия ва Бонки рушди Осиё) БААР кушиш кард, ки аз нав ин робитахоро баркарор созад, вале ин натича надод. Охири соли 2000 карор шуд, ки аз ин лоиха пурра даст кашида шавад.

## 6. Телекоммуникатсияхо

Сектори телекоммуникатсияхо бо конуни ба наздики кабулшуда дар бораи телекоммуникатсияхо аз соли 2002 ба танзим андохта шуда, дар зери назорати бозрасии давлатии алокаи назди Вазорати алока карор дорад. Пешбини мешавад, ки масъулият аз болои сектори мазкур баъди ташкилёби (эхтимол дар давоми солхои 2003-2004) ба зиммаи муассисаи мустакили ба танзимдароранда, ки таъсиси онро конуни нав мукаррар кардааст, вогузор карда мешавад.

Шабакаи алокаи Точикистон дар собик Иттиходи Шурави яке аз акибмондатаринхо ба шумор меравад. Макоми бартариятнокро дар ин соха чун пештара Точиктелеком – оператори давлатии барои расонидани хизмати алокаи телефонии махалли, байнишахри ва байналмилалии дар каламрави тамоми кишвар масъулбуда доро мебошад. Гайр аз ин оператори асоси, дар бозори хизмати алока бо монополияи амали ба расонидани намудхои асосии хизмат, боз се оператори дигари дорои ичозатнома ба расонидани хизмати алокаи мобили – “Точиктел”,

“Сомонком” ва “СЧАМ Миллениум” амал мекунанд.  Хамчунин як катор провайдерхои хурди шабакави, ду ширкати алокаи пейчинги ва якчанд операторхои хурди алокаи телефони мавчуданд.

Дар мукоиса бо як катор хамсоягони кишвар дар ИДМ сектори телекоммуникатсияхои Точикистон суст инкишоф ёфтааст, вале бо кумаки БААР хукумат аз ноябри соли 2000 ислохоти чукури ин сохаро гузаронида истодааст. Бо кумаки БААР ва дар чахорчубаи лоихаи ба танзимдарории сектори телекоммуникатсионии Точикистон (алхол навбати дуввуми он амали мегардад) принсипхои саривакти, шаффоф ва ба чалби инвеститсияхо равонабудаи кори ин соха ва конуни колаби дар бораи телекоммуникатсияхо, ки чавобгуи стандартхои байналмилали мебошад, кабул гардиданд. Мутобики принсипхои кори соха озодкунии бозори хизмат дар дурнамои миёнамухлат ва таъсиси макомоти мустакили назорати пешбини шудаанд. Дар конуни нав меъёрхои хозиразамони марбут ба ичозатдихи, тартибдихии тарифхо ва васлкуни мукаррар шудаанд.

Ичрои ин конуни колаби дар хачми пурра барои озодкуни ва хусусигардони ахамияти багоят мухим дорад. Хукумати Точикистон кушиши зиёдеро барои ислохоти ин соха ба харч додааст, вале алхол бисёр чиз аз татбики меъёрхо ва нормативхои алохида дар ин соха вобаста аст. Бинобар ин, таъсиси макомоти амалкунандаи мустакили назорати ахамияти халкунанда дошта, хукумат бояд дастгирии дахдори онро ба рох монда, онро бо хукукхои дахлдор барои ислохоти кори сектори мазкур таъмин намояд.

# ЛОИХАХОИ ИСЛОХОТИ ХУКУКИ

## Лоихахои КТ дар сохаи телекоммуникатсияхо

Алхол навбати дуввуми лоихаи БААР оид ба инкишофи базаи меъёрии  Точикистон татбик шуда истодааст, ки максади  он аз расонидани кумак ба ин кишвар дар коркард ва татбики базаи конунгузории барои пойдор гаштани “принсипи шароити баробар” ва чалби инвеститсияхои хусуси мусоидаткунанда иборат аст. Ба чумлаи дастовардхои то ба имруз хосилгашта метавон кабули принсипхои замонавии инкишофи сохаи алока ва конуни колабиро дар ин соха номбар кард. Татбики лоиха идома дорад ва он ба пешбурди ислохоте, ки бо принсипхо ва конуни колаби пешбини шудаанд (таъсиси макомоти мустакили ба танзим дароранда, ислохоти тарифхо, тартиби нави ичозатдихи ва коркарди принсипхои хизмати универсалии алока), мусоидат менамояд.

Гайр аз ин, дар якчояги бо Точиктелеком БААР инчунин лоихаи КТ-ро дар сохаи инкишофи корпоративи амали мегардонад. Максади ин барнома аз расонидани кумак ба директори генералии Точиктелеком ва дигар рохбарони сатхи болои дар доираи васеи масъалахои мухими ташкили ва стратеги, аз чумла коркарди стратегияи ташкили ва корпоративи ва ислохоти системаи хисоботи бухгалтери ва аудит иборат аст.

# Замимаи 4 – Интихоби нишондихандахои иктисоди

| | 1993 | 1994 | 1995 | 1996 | 1997 | 1998 | 1999 | 2000 | 2001 | 2002 Пешаки | 2003 Тахмин |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Истехсолот ва харочот** | | | | | *(Тагйироти вокеи ба хис.%)* | | | | | | |
| ММД | -11 | -18,9 | -12,5 | -4,4 | 1,7 | 5,3 | 3,7 | 8,3 | 10,3 | 9,1 | 7,0 |
| Мачмуи махс. саноати | -7,8 | -25,4 | -13,6 | -24 | -2,1 | 8,1 | 5 | 10,3 | 14,4 | 8,2 | н/п |
| Мачмуи махс. кишоварзи. | -7,1 | -6,5 | -25,9 | 2 | 3,6 | 6,3 | 3,8 | 12,4 | 11 | 15,0 | н/п |
| **Шугли ахоли** | | | | | *(Тагйирот ба хис. %)* | | | | | | |
| Кувваи кори (ба хис. миёнаи сол.) | -2,1 | 0,5 | 0,2 | -6 | 3,5 | 0,8 | -3,5 | 0,2 | 4,3 | -5,4 | н/п |
| Шугл (ба хис. миёнаи солона) | -3,3 | -0,1 | 0,5 | -6,6 | 3,4 | 0,3 | -3,3 | 0,5 | 4,8 | -2,6 | н/п |
| | | | | | *(Ба хис. % кувваи кори)* | | | | | | |
| Бекори (ба хис. миёнаи солона)1/ | 1,2 | 1,7 | 2 | 2,6 | 2,8 | 3,2 | 3 | 2,7 | 2,3 | 2,7 | н/п |
| **Нархxо ва музд** | | | | | *(Тагйирот ба хис. %* | | | | | | |
| Нархxои истеъмоли (ба хис.м.солона) | 2 195 | 350 | 609 | 418 | 88 | 43,2 | 27,6 | 32,9 | 38,6 | 12,2 | 18,4 |
| Нархxои истеъмоли (охири сол) | 7 343,7 | 1,1 | 2 133,3 | 40,5 | 163,6 | 2,7 | 30,1 | 60,8 | 12,5 | 14,5 | 17,2 |
| Нархxои истехсоли (ба хис.м.солона) | 1 080 | 327,8 | 1 080 | 449 | 95,7 | 27,8 | 41,2 | 43,5 | 28,7 | 10,1 | н/п |
| Нархxои истехсоли (охири сол) | 5 995,9 | 301,9 | 628,3 | 77,7 | 121,7 | 5,9 | 64 | 33,9 | 9,4 | 18,8 | н/п |
| Даромади умумии миёнаи мохона дар иктисодиёт (ба хис. м. солона) | 746,3 | 116,1 | 164,2 | 219,6 | 68,3 | 84,8 | 35,2 | 30,6 | 50,7 | 33,6 | н/п |
| **Сектори давлати 2/** | | | | | *(Ба хис. % ММД)* | | | | | | |
| Баланси умумидавлати | -22,3 | -10,1 | -6,1 | -5,8 | -3,3 | -2,7 | -2,3 | -1,6 | -1,1 | 0,6 | -0,4 |
| Харочоти умумидавлати | 46,5 | 52,9 | 24,4 | 17,9 | 15,5 | 13,9 | 14,9 | 15,2 | 16,3 | 15,5 | н/п |
| Карзи умумидавлатии хукумат | н/п | н/п | н/п | 70 | 73 | 63 | 83 | 94 | 88 | 77,8 | 75,3 |
| **Системаи пули** | | | | | *(Тагйирот ба хис.%)* | | | | | | |
| Хачми пули накд (М2, охири сол) 3/ | н/п | н/п | -19,4 | 93,2 | 110,7 | 53,9 | 39 | 64,5 | 33,4 | 37,4 | н/п |
| Карзи дохили (охири сол) | н/п | н/п | н/п | 94 | 201,8 | 363,6 | -6 | 90,2 | 54,3 | 20,2 | н/п |
| | | | | | *(Ба хис. % ММД)* | | | | | | |
| Хачми пули накд (М2, охири сол) 3/ | 90 | 92,4 | 19,1 | 8,3 | 8,6 | 8,1 | 7,4 | 8,6 | 9,5 | 8,3 | н/п |
| **ставкахои % ва курби мубодила** | | | | | *(Ба хис. % солона, охири сол)* | | | | | | |
| Ставкаи рефинанси | н/п | н/п | 152,5 | 72,0 | 81,0 | 36,4 | 20,1 | 20,6 | 23,4 | 21,0 | н/п |
| Ставкаи байнибонки (то 1 мох) | н/п | н/п | н/п | н/п | н/п | н/п | н/п | н/п | н/п | н/п | н/п |
| Ставка аз руи пасандоз (то 3 мох) 4/ | 30 | 30 | 100 | 109 | 89 | 15,7 | 11,4 | 41,3 | 25,5 | 12,1 | н/п |
| % карз (то 3 мох) 4/ | 30 | 30 | 500 | 122 | 74 | 49,7 | 30,6 | 18,3 | 21,3 | 12,1 | н/п |
| | | | | | *(Сомони ба доллари ИМА)* | | | | | | |
| Курби мубодила (охири сол) 5/ | 0,012 | 0,036 | 0,294 | 0,328 | 0,748 | 0,977 | 1,436 | 2,2 | 2,51 | 3 | н/п |
| Курби мубодила (ба хис. миёнаи сол.) 5/ | 0,01 | 0,022 | 0,104 | 0,293 | 0,564 | 0,777 | 1,238 | 1,823 | 2.383 | 2,783 | н/п |
| **Сектори икт. хор.** | | | | | *(Ба хис. млн. долл. ИМА)* | | | | | | |
| Хисобхои чори | -200 | -163 | -99 | -75 | -61 | -120 | -36 | -63 | -74 | -25 | -67 |
| Баланси савдо | -183 | -127 | -59 | -16 | -60 | -139 | -27 | -46 | -121 | -81 | -18 |
| Содироти молхо | 456 | 559 | 779 | 770 | 746 | 586 | 666 | 788 | 652 | 696 | 788 |
| Воридоти молхо | 639 | 686 | 838 | 786 | 806 | 725 | 693 | 834 | 773 | 777 | 806 |
| | 9 | 12 | 10 | 18 | 18 | 25 | 21 | 24 | 9 | 22 | 22 |
| Захирахои умуми (охири сол), ба истиснои тилло | 2 | 1 | 4 | 14 | 30 | 65 | 58 | 87 | 96 | 96 | 129 |
| Карзи беруни | 509 | 760 | 869 | 867 | 1106 | 1179 | 1233 | 1226 | 1024 | 985 | 1062 |
| | *(Ба хис. Моххои воридоти молу хизмат, ба истиснои глинозём ва неруи барк)* | | | | | | | | | | |
| Захирахои умуми (охири сол), ба истиснои тилло | 0,4 | 0 | 0,1 | 0,3 | 0,6 | 1,5 | 1,7 | 2,1 | 1,9 | 1,8 | н/п |
| | *(Ба хис. фоиз аз содироти молхо ва хизмат, ба истиснои глинозём ва неруи барк)* | | | | | | | | | | |
| Хизматрасонии карз | 14,9 | 12,1 | 36,1 | 34,1 | 15,1 | 15,7 | 11,9 | 17,5 | 25,6 | 23,4 | 20,4 |
| **Модд. берун аз баланс** | | | | | *(Арз тибки нишондод)* | | | | | | |
| Ахоли (охири сол, млн.) | 5,7 | 5,8 | 5,9 | 5,9 | 6 | 6,1 | 6,2 | 6,2 | 6,3 | 6,5 | н/п |
| ММД (дар млн. сомони) | 7,1 | 17,9 | 69,8 | 308,5 | 632,0 | 1 025,2 | 1 345 | 1 806,8 | 2 512,1 | 3 344,6 | 3 949,9 |
| ММД ба хар сар ахоли (долл. ИМА) | 121,8 | 140,7 | 114,1 | 177 | 186,6 | 216,3 | 174,1 | 160,6 | 167,6 | 185,8 | н/п |
| Сахми саноат дар ММД(%) 6/ | 32,8 | 22 | 34 | 25,7 | 19,7 | 18,1 | 19,1 | 20,4 | 22,6 | 19,3 | н/п |
| Сахми кишоварзи дар ММД (%) 6/ | 21 | 19,1 | 36,2 | 36 | 27,1 | 19,8 | 16,8 | 17,4 | 26,7 | 21,1 | н/п |
| Хисобхои чори/ММД (%) | -28,8 | -20,1 | -14,8 | -7,1 | -5,4 | -9,1 | -3,4 | -6,4 | -7 | -2,1 | -5,3 |
| Карзи беруни, захирахо, млн. долл. ИМА | 507 | 759 | 865 | 853 | 1076 | 1114 | 1175 | 1139 | 928 | 889 | н/п |
| Карзи беруни/ММД (%) | 73,2 | 93,8 | 130 | 82,4 | 98,7 | 89,4 | 113,5 | 123,7 | 97,2 | 81,9 | н/п |
| Карзи беруни/содироти молу хизмат (%) 7/ | 353 | 193 | 217 | 169 | 218 | 290 | 304 | 297 | 321 | 303 | н/п |

Эзох. Маълумоти с.1995-2001 маълумоти расмии дар нашрияхои давлати, ХБА ва Бонки Чахони сабтшударо тачассум мекунанд.

Маълумоти с. 2002-2003 баходихии БААР-ро, ки кисман ба ин сарчашмахо асос меёбанд, тачассум мекунад.

1/ Бекорони расман ба кайд гирифташуда. Тибки маълумоти БЧ, бекории хакики дар соли 2000 зиёда аз 30% ахолии кобили мехнат буд.

2/ Ба истисноии интиколи маблагхо аз бучети давлати ба Хазинаи нафака, Хазинаи шугл ва маблаггузории беруни ба БИД.

3/ Маълумоти то с. 1998 - танхо пули дар муомилот буда ва баъди с. 1998 – инчунин пасандозхои арзи (М2).

4/ Ставкахоро парламент то июни с.1995 муайян кардааст. Баъди ин онхо дар пасандозхо/кредитхои 1-3-моха ниш. д.ш.. Ба маълумоти миёнаи с. 2002 танхо кредиту пасандозхои нав дохиланд.

5/ Рубли Русия (то с. 1994 ) ва рубли точики (то октябри с. 2000 ) ба сомони гузаронида шудаанд.

6/ Маълумот ба нархxои чори асос меёбад. Тагйирот дар хиссахо бинобар тагйири нархxои нисби дар ин давра чой дорад.

7/ Содироти молу хизмат ба истисноии глинозём ва неруи барк.

## Замимаи 5 - Амалиёти имзошудаи БААР

**Амалиёти имзошудаи БААР дар Точикистон**
**(ба хис. млн. евро дар 31 маи соли 2003)**

| Номгуи амалиёт | Санаи имзошави | Маблаги умумии лоиха | Маблагхои имзошудаи БААР | Карзхо имзошудаи БААР | Инвеститсия-хои имзо-шудаи БААР | БААР чудо кардааст |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Точикистон, ИФУ - Ориёнбанк | 19-12-96 | 3,6 | 3,6 | 3,6 | 0 | 1,9 |
| Маводи зарф, Хучанд | 28-07-97 | 3,3 | 1,4 | 1,4 | 0 | 1,4 |
| МИБ –– корхонаи истехсоли об "Оби-Зулол" | 04-09-98 | 10,6 | 4,5 | 2,9 | 1,6 | 4,5 |
| Фурудгохи Хучанд | 22-04-99 | 6,3 | 2,1 | 2,1 | 0 | 2,1 |
| Воридшави ба сармояи ТСБ | 26-11-99 | 2,7 | 0,2 | 0 | 0,2 | 0,2 |
| Лоихаи чихозонии Точиктелеком | 02-10-01 | 12,8 | 11 | 11 | 0 | 0,1 |
| Системахои таъминоти аэронавигатсионии ШДХ | 02-10-01 | 6,2 | 4,6 | 4,6 | 0 | 0,2 |
| | | **45,6** | **27,5** | **25,7** | **1,8** | **10,4** |

## Замимаи 6 - Кумаки дучониба

## Канада

Канада тавассути Агентии рушди байналмилалии худ (АБРК) карор кард, ки кумаки худро ба минтакаи Осиёи Маркази фаъол гардонад ва Точикистонро ба сифати кишвари асосии хамкори дар сохаи рушд интихоб намуд.  Дар солхои наздик мунтазам зиёд кардани хачми воситахои молиявии барои Точикистон таъиншуда ба накша гирифта шуда, дар соли 2003 такрибан 4 млн. долл. ИМА чудо карда мешавад. Ин маблаг метавонад бо маблаггузории АБРК тавассути чунин созмонхои бисёрчониба, ба мисли БААР ва САХА зиёд карда шавад. Дар чанд соли охир Точикистон хамчунин аз Канада кумаки башардустона мегирад, аз чумла зиёда аз 650 хаз. долл. ИМА тавассути Салиби Сурх ва муассисахои системаи СММ. АБРК ният дорад, ки асосан дар ду сохаи зерин дар Точикистон барномахоро ичро намояд: а) истифодаи окилонаи захирахои об барои таъмини боэътимод ва пешбинишаванда бо об барои максадхои обёрикуни ва таъмини талаботи ахоли, б) рушди нохияхои дехот ва кишоварзи, ки дар он чо АБРК ба чараёни деверсификатсия ва баланд бардоштани хосилнокии мехнат мусоидат менамояд. Диккати асоси ба талаботи мардуми камбизоати дехот дода мешавад. Гайр аз ин, ташаббуси ахоли дар сохаи инкишоф ва таъсиси иктидори ташкилии макомоти махаллии хокимият дастгири карда мешавад.

**Иттиходи Аврупо (ИА)**

ИА дар кишвар аз соли 1991 фаъолият менамояд ва то охири соли 2001 он ба хисоби умуми 328 млн. евро чудо намудааст, аз чумла 8 млн. евро тавассути ТАСИС, 186 млн. евро тавассути идораи кумаки башардустонаи Комиссияи аврупои (ИКБКА) барои кумак бо озукавори, 129 млн. евро – тавассути шуъбаи масоили иктисоди ва молияви ва 1,5 млн. евро – ба барномахои минтакави. Маблагхо барои хамкори дар ибтидо барои кумаки башардустона тавассути ИКБКА чудо карда мешуданд, алхол бошад, инчунин барои кумаки техники тавассути ТАСИС, Барномаи амнияти озукавори ва дар холатхои истиснои, барои кумаки макромолияви равона карда мешаванд.

Дар чахорчубаи накшаи глобалии ИКБКА барои Точикистон барои солхои 2002-2003, ки бучети он 10 млн. евроро ташкил медихад, кумак дар се сохаи асоси расонида мешавад: озукавори (46% бучет), тандурусти (34%) ва оби нушоки (20%). Точикистон инчунин барои азнавсози ба андозаи 5,5 млн. евро кумак мегирад, ки он баъди ичрои созишномаи сулх огоз гардид. Фаъолият тавассути ТАСИС дар Точикистон асосан аз сабаби он ки ТАСИС дар Точикистон хамаги якчанд сол фаъолият намуда, он ба мухлати номуайян бинобар масоили амнияти соли 1997 боздошта шуда буд (алхол он аз нав баркарор гашт) на он кадар чоннок аст (то ба имруз – 8 млн. евро). Гайр аз ин, Комиссияи аврупои дар шакли кредит ба андозаи 60 млн. евро (марти соли 2001 дода шуд) кумаки макромолияви расонид ва дар шакли грант то 35 млн.евро, ки бо траншхои харсола дода мешаванд, чудо намуд. Алхол се транш ба маблаги умумии 21 млн. евро дода шудааст ва Точикистон карзи худро ба ИА ба андозаи 16 млн. евро то ба хадди имрузаи 44 млн. евро кам намуд. Дар назар аст, ки ду транши бокимонда дар давоми солхои 2003-2004 чудо карда мешаванд. Барои солхои 2002-2006 ИА стратегияи нави панчсоларо кабул намуд, ки вазифаи асосии он аз тахкими субот ва амният дар минтака ва расонидани кумак барои рушди иктисоди ва мубориза бо камбизоати иборат аст. Стратегияи нав зиёд кардани маблагхои молиявии барои Осиёи Маркази чудошавандаро пешбини менамояд.

**Франсия**

Соли 2001 кумаки дучониба ба Точикистон аз тарафи Франсия 0,0138 млн. евроро (кумаки техники) ташкил дод. Маълумот барои соли 2002 мавчуд нест.

**Германия**

Агентии кумаки техникии Германия (ГТЗ) шарики деринаи Точикистон буда амалиёти он аз соли 1992 огоз гардид. Хамаи чорабинихо барои расонидани кумаки башардустона: таъминот бо озукавори, тачхизоти тибби ва доруворн, ёри ба КХМ бо рохи расонидани

кумаки техники ва баркарор кардани маълумоти ибтидои равона карда шудаанд.

**Япония**

Япония аз соли 1991 расонидани кумаки дучонибаро ба Точикистон огоз намуд. Ин амал то кабул кардани Точикистон ба кисми 1 номгуи гирандагони кумаки расми барои максади рушд, ки Кумитаи кумак ба рушди СХИР январи соли 1993 омода карда буд, сурат гирифт. Дар чахорчубаи кумаки фавкулоддаи башардустона ба кишвархои собик Иттиходи Шурави ба маблаги умумии 200 млн. долл. ИМА, аз соли 1993 Япония ба Точикистон дар хачми 3,46 млн. долл. ИМА кумак расонид. То охири соли 2000 хачми умумии кумаки Япония ба 5,23 млн. долл. ИМА расида, аз он 1,27 млн. долл. ИМА (24%) дар шакли грантхо ва 3,96 млн. долл. ИМА (74%) дар шакли кумаки техники дода шуд. Соли 1999 Япония байни донорхои дучониба макоми чорумро ишгол намуд. Шаклхои асосии кумакрасониро ёрии фавкулодда барои рафъи окибатхои офатхои табии, грантхо барои ахоли ва маблаггузории тачрибаомузи дар Япония ташкил доданд.

Мохи майи соли 2001 дар вохурии донорхо, ки тахти раёсати БЧ дар Токио доир гашт, Япония ваъда дод, ки барои максадхои баркарорсозии баъдичангии Точикистон 2,5 млрд. йен маблаг чудо хохад кард. Баъди ин августи соли 2001 вай грантхои бо лоихахо алокаманд набударо ба маблаги 2 млрд. йен чудо кард. Гайр аз ин, дар доираи кумак ба хамсоягони Афгонистон Япония ваъда кард, ки ба Точикистон хамчун ёрии фавкулодда октябри соли 2001 240 млн.йен ва 1 млрд. йен дар шакли грантхо дар январи соли 2002 маблаг чудо менамояд.

**Испания**

Тавассути хазинаи кумаки техникии худ дар БРО Испания лоихаи “Тахкими идоракунии корпоративи ва молияви дар Точикистон”-ро ба маблаги 480 хаз. долл. ИМА маблаггузори мекунад.

**Швейтсария**

Хамкории миёни Точикистону Швейтсария аз огози солхои 90-ум чараён дорад. Он бо созишномаи дучониба дар бораи кумаки техники, молияви ва башардустона, ки байни хукуматхои Точикистон ва Швейтсария баста шудааст, ба расмият доровarда шудааст. Аз он давра хачми кумаки харсолаи тавассути Котиботи давлати оид ба масоили иктисоди (КДМИ) ва Агентии Швейтсария оид ба рушд ва хамкори (АШРХ) аз 5 то 13,3 млн. долл. ИМА-ро дар як сол (дар шакли грантхо) ташкил медод. Дар оянда барои барномаву лоихахо дар Точикистон мумкин 10 млн. долл. ИМА дар як сол дода шавад.

Барномаи Швейтсария, ки аксаран ба таркиби ташаббусхои бисёрчониба дохил мешавад, барои дастгирии гузариши Точикистон ба

гуногунандеши ва иктисоди бозори равона аст. Диккати асоси дар он ба сохахои зерин дода шудааст:

- ташкили системаи идоркунии софдилона дар асоси риояи принсипи волоияти конун;
- бехдошти шароити ибтидоии макроиктисоди чун асоси рушди бемайлони иктисоди;
- рушди сектори хусуси ва мусоидат ба тичорат;
- истифодаи самаранок ва окилонаи захирахои табии;
- ташкили инфраструктураи чавобгуи шароит ва боэътимод амалкунанда;
- ташкили системаи чавобгуи шароит ва босифати тандурусти.

Дар сатхи лоихахо кушиш ба рушд ва мукаммалсозии идоракунии махалли ва ислохоти системаи суди ва ичрои чазо равона шудааст. Лоихахои инфраструктурави асосан дар ХОК, сохахои энергетика ва алока татбик мегарданд. Дар сохаи тандурусти барномахои дахлдор ба коркарди стратегияи молиякунонии тандурусти ва дар сатхи махалли – ба ислохоти системаи тандурусти ва тиби оилави равона мегарданд.

Дастгирии макроиктисоди дар шакли маблаггузории муштараки барномахои БЧ оид ба амалигардонии азнавсозии сохтори дар якчояги бо кумаки техники барои бехдошти услуби идоракунии карзи давлати тачассум меёбад. Гайр аз ин, барои дастгирии шомил шудани кишвар ба СЧТ ба Точикистон кумаки техники расонида шуда, “ноу-хау ” дода мешавад, инчунин барномахои дастгирии рушди тичорати минтакави ва байналмилали ва устуворгардонии сектори хусуси татбик карда мешаванд.

**Британияи Кабир**

Аз огози соли 2002 ДРБ тавассути созмонхои гуногун (ЮНИСЕФ, Кумаки насрони, КИМАА, Ого Хон, ФБСС, БЧО) такрибан 5 млн. долл. ИМА дар шакли ёрии башардустона чудо кард. Алхол ДРБ барои Точикистон стратегия тахия карда истодааст, ки дар он афзалиятхо ва вазифахои максаднок барои солхои минбаъда муайян карда хоханд шуд. Хамзамон якчанд лоихахо дар чараёни барраси карор доранд: а) рафъи камбизоати (БЧ), б) бо об таъминкунии Душанбе (БЧ), в) тахкики сатхи зиндаги (БЧ) ва г)рушди КХМ (БААР). Гайр аз ин, дар бораи дастгирии ба амал баровардани ислохоти замин дар Точикистон эълон карда шудааст.

**ИМА**

Агентии рушди байналмилалии ИМА (АРБ ИМА) доираи фаъолияти худро дар Точикистон дар самтхои зерин васеъ мегардонад: маориф, ислохоти иктисоди ва хукуки, тандурусти ва истифодаи окилонаи захирахои табии. Зиёда аз 40 лоиха аз чониби АРБ ИМА маблаггузори карда мешавад. Дар соли 2002 барномахои кумаки башардустона, ки аз чониби хукумати ИМА маблаггузори карда мешаванд, чун пештара барои ахолии аз хушксоли осебдидаи кишвар таъин шудаанд, гарчи зиёд шудани бориш ба кам кардани хачми кумак имкон дод. Гайр аз ин, лоихаи кумак ба Бонки миллии Точикистон дар кабули конунгузории нав, босубот ва пай дар пай дар сохаи микромолиякунони, тахкими назорати бонки ва системаи ба танзимандозии хиямояи сахмдорон аз зарархои марбут ба каллоби тахия карда шуд. Соли 2002 кумаки ИМА 55,9 млн. долл. ИМА-ро ташкил намуд.

Соли 2003 ИМА татбики барномаи васеъ гардонидашудаи кумакро идома дод, ки он корро бо ахоли бо максади паст кардани окибати мунокишахо, тахкими сатхи поёнии системаи тандурусти, аз чумла мубориза бо НМБИ, расонидани ёрии бевосита ба корхонахои хурду миёна, ичрои барномахои тахкими чомеаи шахрванди ва васоити мустакили ахбори умум, маблаггузори барои таъмини истифодаи окилонатари захирахои табии, инчунин ба амал баровардани ташаббуси баркарорсозии системаи вайроншудаистодаи маориф дар кишвар дар бар мегирад. Кумак дар соли 2003 дар мачмуъ 83 млн. долл. ИМА-ро ташкил хохад дод.

# Замимаи 7 - Кумак тавассути ХТ

| Ракамы амалиёт | Таърихи тасдики маблаггузори | Номгуи амалиёт | Номгуи соха | Ичро шуд евро | Истифода шуд евро |
|---|---|---|---|---|---|
| SPA-1994-05-02 | 17/05/94 | Имконоти нвеститсиони дар КАС | Кишоварзи, чангалпарвари, мохипарвари | 150 893 | 150 893 |
| ITA-1995-07-06 | 19/07/95 | Фаъолияти Точикбанк – маслихатхои кредити | Молия, сохибкори | 202 018 | 202 018 |
| HOL-95-10-12PS | 01/10/95 | Таъмири хати павоз дар Душанбе, мархилаи I | Наклиёт, нигохдори | 3 041 636 | 3 041 636 |
| UKB-1995-11-15 | 01/11/95 | Аудити хукуки | Хочагии коммунали ва сохаи ичтимои | 22 653 | 22 653 |
| UKB-1995-11-16 | 08/11/95 | Таъмири хати павоз дар Душанбе, (мархилаи I) | Наклиёт, нигохдори | 47 590 | 47 590 |
| HOL-1995-12-14 | 21/12/95 | Фаъолияти Точикбанк - бахши мухосибот ва ташхис | Молия, сохибкори | 163 361 | 163 361 |
| FIN-1995-12-08 | 21/12/95 | Шабакаи алока | Телекоммуникатсияхо | 47 597 | 47 597 |
| JAP-1996-02-05 | 20/02/96 | Шабакаи алока | Телекоммуникатсияхо | 99 151 | 99 151 |
| POR-1996-02-01 | 20/02/96 | Шабакаи алока | Телекоммуникатсияхо | 19 040 | 19 040 |
| DEN-1996-03-01 | 05/03/96 | Шабакаи алока | Телекоммуникатсияхо | 15 849 | 15 849 |
| IRL-1996-03-01 | 11/03/96 | Шабакаи алока | Телекоммуникатсияхо | 9 448 | 9 448 |
| TAI-1996-05-05 | 03/05/96 | Хизмати машваратии сохибкори | Истехсолот | 60 532 | 60 532 |
| JAP-1996-05-14 | 04/06/96 | Шабакаи алока – мархилаи II | Телекоммуникатсияхо | 265 934 | 265 934 |
| ECT96-96-11-11 | 07/11/96 | Ориенбанк | Молия, сохибкори | 365 000 | 365 000 |
| UKB-1996-11-14 | 12/11/96 | Кумак дар тахияи конун дар бораи гарав | Хочагии коммунали ва сохаи ичтимои | 28 037 | 28 037 |
| ECT97-97-05-10 | 27/11/96 | Хизмати машваратии сохибкори – ассотсиатсияи миллии корхонахои хурду миёна - мархилаи II | Хочагии коммунали ва сохаи ичтимои | 383 875 | 383 875 |
| ITA-1997-10-06 | 22/10/97 | Татбики лоихаи ташаббусхои ФП, ТС бо Ориёнбонк | Молия, сохибкори | 347 678 | 347 678 |
| UKD-1999-04-09 | 30/04/99 | Ташхиси молиявии корхонаи истехсоли маводи куттии Хучанд | Истехсолот | 20 000 | 20 000 |
| JAP-1999-11-18 | 11/11/99 | Точикистон: барномаи рушди институтхои молияви (Содиротбонк) | Молия, сохибкори | 485 241 | 485 241 |
| JAP-2000-02-02 | 08/02/00 | Тачхизонии фавкулодда ва азнавсозии сохтории фурудгохи Хучанд | Наклиёт, нигохдори | 224 659 | 221 679 |
| JAP-2000-02-03 | 08/02/00 | Ташхис ва асоснокии техникию иктисоди барои Точикистон | Телекоммуникатсияхо | 230 280 | 230 280 |
| AUS-2000-02-02 | 17/02/00 | Тахкики проблемахои азнавсозии сохтори дар сохаи наклиёти хавои | Наклиёт, нигохдори | 64 971 | 64 971 |
| JAP-2000-03-06 | 22/03/00 | Точиктелеком: барномаи рушди базаи меъёри | Телекоммуникатсияхо | 269 759 | 269 759 |
| AUS-2000-12-03 | 07/12/00 | Системаи таъминоти аэронавигатсионии Ширкати давлатии хавопаймоии Точикистон (ШДХ) | Наклиёт, нигохдори | 66 000 | 66 000 |
| JAP-2001-09-17 | 19/09/01 | Барномаи сохтмони ташкилии Точииктелеком (ПОС), бахши А ГВП | Телекоммуникатсияхо | 410 000 | 204 613 |
| JAP-2001-09-18 | 19/09/01 | Точиктелеком: тахияи стратегияи ширкат, бахши В | Телекоммуникатсияхо | 400 000 | 260 000 |
| JAP-2001-10-22 | 02/10/01 | Тачхизонии системаи таъминоти аэронавигатсионии Точикистон | Наклиёт, нигохдори | 348 795 | 240 057 |
| JAP-2002-07-05 | 03/07/02 | Точиктелеком: барномаи рушди базаи меъёри, мархилаи II | Телекоммуникатсияхо | 300 000 | 57 000 |
| ECT99-2002-10-03 | 29/10/02 | Азнавсозии сохтори ва татбики СБХМ | Наклиёт, нигохдори | 500 000 | 50 000 |
| SWI-2003-02-01PS | 19/02/03 | Лоихаи телекоммуникатсиони барои Точиикистон: хариди молхо, ко рва хадамот | Телекоммуникатсияхо | 42 219 | 16 288 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| SWI-2003-04-02 | 16/04/03 | Аудити молиявии бонки Эсхата барои МФММП | Молия, сохибкори | 41 375 | 0 |
| | | **Хамаги ба хисоби евро** | | **8 673 591** | **7 456 181** |
| | | **Шумораи амалиёт** | | **31** | |